# ШАШМАҚОМ

## ДУГОҲ

IV

M1

ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
АКАДЕМИЯИ МАҚОМ

# ШАШМАҚОМ

*Муаллиф ва мураттиб*
*Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон*
***Абдувалӣ Абдурашидов***

## ДУГОҲ

## IV

YUNUS RAJABIY NOMIDAGI O'ZBEK MILLIY MUSIQA SAN'ATI INSTITUTI
Inv. № 4162
AXBOROT RESURS MARKAZI

Душанбе
«Адиб»
2016

ББК -85. 315 (2точик) Я7
Ш-40

Муаллиф ва мураттиб
***Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон***
***Абдувалӣ Абдурашидов***

Муҳаррирони адабӣ:
*Абдураҳмони Абдуманнон (муҳаррири масъул), Абдулқодир Маниёзов, Мубашшир Акбарзод, Шарифмурод Исрофилниё, Бадриддин Мақсудов, Сино Маҳмудов ва Камол Насрулло*

Ш-40 **Шашмақом. Мақоми Дугоҳ.** / *Муаллиф ва мураттиб Абдувалӣ Абдурашидов.* – Душанбе: «Адиб», 2016. – Ҷ.4. – 392 саҳ.

Таҳияи китоби шашҷилдаи Шашмақом барои илмӣ ва амалӣ омӯхтани санъати волои «Шашмақом» аз ҷониби ҳунармандон, муҳаққиқон, устодону донишҷӯёни муассисаҳои таълимии фарҳанг ва ҳунар, гурӯҳҳои эҷодии тахассусӣ, инчунин барои маърифати доираи васеи дӯстдорони ин санъат пешбинӣ гардидааст. Муаллиф ва мураттиби китоб умед бар он мебандад, ки нашри нави китоби Шашмақом барои омӯзиши мероси бузурги мусиқии халқи тоҷик «Шашмақом» манфиат ва самари хубе ба бор хоҳад овард.

**Китоби «Шашмақом» бо саҳмгузории**
**Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**рӯйи чоп омадааст.**

AGA KHAN TRUST FOR CULTURE
Music Initiative

Китоб бо дастгирӣ ва саҳмгузории Барномаи «Ибтикори Мусиқӣ»-и Бунёди Оғохон оид ба Фарҳанг таҳия гардидааст.

ISBN 978-99947-2463-7

*Академияи мақом*

© Абдувалӣ Абдурашидов, 2016

# МАҚОМИ ДУГОҲ

# I. ШАРҲИ АДВОРИ МАҚОМИ ДУГОҲ

Мақоми Дугоҳ дар низоми Шашмақом мақоми чорум буда, дар заминаи яке аз *мавзеъҳои* хушоянди дастаи танбӯр – *роҳи Бузург* ба вуҷуд омадааст. Чунон ки маълум аст, мавзеи *роҳи Бузург* дар ҳолати ду намуди ҷӯр – *ҷӯри Бузург* ва *ҷӯри Рост* дар ду *зинаи* гуногуни қаторовози дастаи танбӯр падид меояд. Дар ҳолати *ҷӯри Бузург* мавзеи *роҳи Бузург* аз бастапардаи чорум (нағмаи *ре*) ва дар ҳолати *ҷӯри Рост* аз бастапардаи ҳафтуми (нағмаи *сол*) дастаи танбӯр ташаккул ёфта, дар адвори муосири мусиқӣ чунин тасвир мешавад:

Мисоли 1. Мавзеи *роҳи Бузург* дар ҳолати *ҷӯрҳои Бузург* ва *Рости* дастаи танбӯр:

1) дар ҳолати *ҷӯри Бузург:*







2) дар ҳолати *ҷӯри Рост:*







Дар мавзеи *роҳи Бузург,* ки қаторовози *ҷамъи ҷинсҳои чору панҷро* муаррифӣ менамояд, мавқеи *созпарда* дар зинаи саввум падид меояд. Яъне, дар қаторовози *роҳи Бузург* бо болою поён шудани зинаи саввум *сози* қаторовоз ба амал омада, сохтори он мушаххас мешавад. Дар

натиҷа ду намуди сохтори қаторовоз ба вуҷуд меоянд, ки дар амалияи мақом бо унвони *сози Бузург* ва *сози Сегоҳ* маъруф шудаанд. Азбаски ҳоло мо мақоми Дугоҳро мавриди баррасӣ қарор додем, сохтори қаторовози *сози Бузургро* меорем, чунки ин соз дар бунёди адвори мақоми Дугоҳ асос гаштааст:

1-1-½ // 1-1-½-1

Агар сохтори қаторовози *сози Бузурги* мавзеи *роҳи Бузург* дар ҳолати *ҷӯри Бузург* дар нағмаи *ре* қарор гирад, пас *созпарда* – (зинаи саввум) бо нағмаи *фа-диез* мутобиқат мекунад ва агар ин сохтор дар ҳолати *ҷӯри Рост* дар нағмаи *сол* қарор ёбад, пас зинаи *созпарда* мутобиқи нағмаи *си-бекар* мегардад. Яъне, ҷӯрҳои мавҷудаи танбӯр – *ҷӯри Бузург* ва *ҷӯри Рост,* сохтори қаторовози мавзеи *роҳи Бузург – сози Бузург*-ро дар ду табақаи нағамоти гуногун ба миён меоранд:

Мисоли 2. *Сози Бузурги* қаторовози мавзеи *роҳи Бузург* дар ҳолати *ҷӯрҳои Бузург* ва *Рости* дастаи танбӯр:

1) дар ҳолати *ҷӯри Бузург:*




2) дар ҳолати *ҷӯри Рост:*




Азбаски *адвори* мақоми Дугоҳ дар асоси ин мавзеъ ташаккул ёфтааст, пас барои возеҳ тасаввур кардани он сохтори ҳамаи анвоъи пардаҳо ва низоми ташаккули *адвори* мақоми Дугоҳро дар заминаи мавзеи *роҳи Бузург,* ки дар ду ҳолати ҷӯр – *ҷӯри Бузург* ва *ҷӯри Рост* падид меояд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем.

Низоми *адвори* мақоми Дугоҳ дар асоси ду *зоти* парда – *аслӣ* ва *фаръӣ* ва ду *навъи* он – *мақом* ва *шуъба* пайдо шуда, дар *тартиби* муайян бо таносуби байни ҳамдигар ва *табақаҳои* гуногун қарор доранд. Ҳар кадом аз ин навъҳои парда дар *табақаи* муайяни доира *даври* худро ба вуҷуд меорад. Аз ин нуқтаи назар шаклёбии пардаҳои навъи *шуъба* аз нағмаҳои паст ва баланди навъи пардаи аслии *мақом* дар низоми мақоми Дугоҳ ба амал меояд. Дар ин ҷо шаклгирии маҷмӯи анвоъи пардаҳои мақоми Дугоҳ дар ду *табақа* – якум ва саввум сурат мегирад:

а) *табақаи 1*. даври аввали адвор – *даври* Дугоҳро ташкил медиҳад, ки дар асоси он навъи пардаи аслии *Дугоҳ* ва навъи пардаи фаръӣ – *Ҳусайнӣ* таъсис мeёбанд;

б) *табақаи 3.* даври чоруми адвор – *даври Чоргоҳро* ташкил менамояд, ки дар заминаи он навъи пардаи фаръии *Чоргоҳ* бунёд мегардад;

Дар кулл сохти низоми *адвори* мақоми Дугоҳ чунин ба назар мерасад:

Мисоли 3. Нақша: сохти низоми *адвори* мақоми Дугоҳ (*адвори Дугоҳ*):




Дар мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр чунин дастуру шартҳо амал мекунанд: навъи пардаи аслӣ – *мақоми Дугоҳ* ва навъи пардаҳои фаръӣ – *шуъбаи Ҳусайнӣ* аз зинаи 1-ум – *шоҳпарда* ва навъи пардаи фаръӣ – *шуъбаи Чоргоҳ* аз зинаи 3-юм – *заифпардаи* қатворовози *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр таъсис меёбанд. Яъне, бунёди низоми *адвори* мақоми Дугоҳ дар мавзеи *роҳи Бузург* бо чунин тарз падид меояд.

Дар се навъи мавҷудаи силсила, аз ҷумла ду силсилаи аслӣ – *Мушкилот* ва *Наср* ва як силсилаи фаръӣ – *силсилаи Савт* онҳо ба таври гуногун амал мекунанд. Дар бунёди силсилаи бахши соз – *Мушкилот* якум гурӯҳи парда – *Дугоҳ* ва *Чоргоҳ,* дар силсилаи аслӣ ва фаръии бахши овоз – *Наср* ва *Савт* бошад дуввум гурӯҳи парда – *Дугоҳ, Чоргоҳ* ва *Ҳусайнӣ* иштирок менамоянд. Яъне, дар ташаккули адвор ва силсилаҳои мақоми Дугоҳ ду гурӯҳи пардаҳо бо таносуби гуногун дар байни худ ширкат менамоянд.

Дар баробари ин амалоти мутақобилаи пардаҳо дар навъи силсилаҳои *аслӣ* ва *фаръӣ* гуногун мебошанд. Дар навъи силсилаҳои *аслӣ*, ки шомили бахши соз – *Мушкилот* ва бахши овоз – *Наср* мебошад, тартиби бунёди пардаҳо дар дохили низоми силсила бо робита ва таъсири мутақобила сурат мегирад, ки ин амал бунёди низоми адворро муайян месозад. Аммо дар навъи силсилаҳои *фаръӣ*, ки шомили силсилаи бахши овоз – *Савт* мебошад, тартиби бунёди пардаҳо ба тартиби пайдарҳамии онҳо дар низоми силсилаи *аслӣ* вобастагӣ дорад. Яъне, тартиби низоми навъи силсилаҳои *фаръӣ* бевосита бо тартиби низоми пардаҳо дар силсилаи *аслӣ* марбут аст.

Низоми табақоти пардаҳоро дар адвори мақоми Дугоҳ худи мазеи *роҳи Бузург* дар дастаи танбӯр муқаррар мекунад. Аммо тамоми навъи пардаҳо – *Дугоҳ, Чоргоҳ* ва *Ҳусайнӣ*, ки дар ин мақом мавҷуданд, дар ду зинаи гуногуни ин мавзеъ бунёд гардида, *табақаи* ҳар кадоми онҳо мушаххас мебошад. Бояд қайд кард, ки *табақаи* ҳар парда бо *сарпардаи* он муайян мегардад. Аз ҷумла, 1) *сарпардаи Дугоҳ* ва *Ҳусайнӣ* дар заминаи зинаи яку-

ми ҷарангӣ – *шоҳпарда*; 2) *сарпардаи Чоргоҳ* дар заминаи зинаи саввуми бечаранг – *заифпардаи роҳи Бузург* сохта мешаванд. Яъне, дар асоси қаторовози бунёдии мақоми Дугоҳ, ки дар *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр мунъакис мебошад, табақаи тамоми пардаҳое муайян мегардад, ки дар ташаккули низоми адвори ин мақом иштирок мекунанд.

Ҷойгиршавии сохтори ҳамаи анвоъи пардаҳои мақоми Дугоҳ, ки дар *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр падид меоянд, дар ҳолати ду чӯри торҳои он – *ҷӯри Бузург* ва *ҷӯри Рост,* дар ду *табақа* сурат мебандад. Дар ин ҳолат *табақаи* нағамоти пардаҳои *Дугоҳ*, *Чоргоҳ* ва *Ҳусайнӣ* тартиби худро ҳам дар мавзеи *роҳ* ва ҳам дар доираи низоми *адвор* нигоҳ медоранд. Умуман, тартиби бунёди низоми *адвори* мақоми Дугоҳ дар мавзеи *роҳи Бузург* дар ҷадвал ва мисоли адвори мусиқӣ ба таври зерин мебошад:

Мисоли 4. Ҷадвал: тартиби табақоти нағамоти *адвори* мақоми Дугоҳ дар мавзеи *роҳи Бузург*:

| № | Навъи пардаҳои мақоми Дугоҳ | Зинаҳо | Номи зинаҳо | Нағамот | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | дар ҳолати *ҷӯри Бузург* | дар ҳолати *ҷӯри Рост* |
| | | | Мавзеи *роҳи Бузург* | | |
| 1 | *Дугоҳ* | I | *шоҳпарда* | ре | сол |
| 2 | *Чоргоҳ* | III | *заифпарда* | фа-диез | си |
| 3 | *Ҳусайнӣ* | I | *шоҳпарда* | ре | соль |

Мисоли 5. Тартиби табақоти нағамоти *адвори* мақоми Дугоҳ дар мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр :

1) дар ҳолати *ҷӯри Бузург*:






2) дар ҳолати *чўри Рост*:







Яъне, дар мавзеи *роҳи* дастаи танбўр *зоти аслии* парда аз зинаи аввали чарангӣ – *шоҳпарда* сохта шуда, дар низоми силсилаи мақом ҳамчун пардаи асосӣ муайян мегардад. Аммо *зоти фаръии* парда дар зинаҳои гуногуни чарангӣ – *шоҳпарда* ва ё *зарпарда* ва инчунин дар зинаҳои бечаранг – *заифпардаи* қаторовоз бунёд гардида, дар низоми силсилаи мақом ҳамчун навъҳои якум ва дуввум пардаи фаръӣ шинохта мешаванд.

Мисоли 6. Ҷадвал: тартиби ташаккули тамоми намуди пардаҳои мақоми Дугоҳ дар мавзеи *роҳи Бузург*:

| № | Навъи пардаҳои мақоми Дугоҳ | | | Зинаҳо | Номи зинаҳо | Нағамот | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *Аслӣ* | *Фаръӣ* | | | | Дар ҳолати чўри *Бузург* | Дар ҳолати *чўри Рост* |
| | | якум | дуввум | | | | |
| | *мақом* | *шуъбаи 1.* | *шуъбаи 2.* | | | | |
| | Мавзеи *роҳи Бузург* | | | | | | |
| 1 | *Дугоҳ* | | | I | *шоҳпарда* | ре | сол |
| 2 | | *Чоргоҳ* | | III | *заифпарда* | фа-диез | си |
| 3 | | | *Ҳусайнӣ* | I | *шоҳпарда* | ре | сол |

Мисоли 7. Тартиби бунёдёбии тамоми намудҳои пардаҳои мақоми Дугоҳ – *мақоми Дугоҳ, шуъбаи Чоргоҳ* ва *шуъбаи Ҳусайнӣ*, дар мавзеи *роҳи Бузург*:

1) дар ҳолати *ҷӯри Бузург*:




2) дар ҳолати *ҷӯри Рост*:




Тамоми навъи пардаҳое, ки дар мақоми Дугоҳ падид меоянд, дар мутуни се силсилаи мавҷуда – *Мушкилот, Наср* ва *Савт* дар навбат ва тартиби пайиҳамоии муайян сохта мешаванд. Тартиби бунёдгирии онҳо дар тамоми силсилаҳо ҳам дар асоси мавзеи дастаи танбӯр – *роҳи Бузург* ва ҳам дар асоси усулҳои мақомӣ муқаррар мегардад. Яъне, тартиби баъ навбати ташаккули пардаҳои мақом ҳам бо қаторовоз дар мавзеи муайяни *роҳи* дастаи танбӯр ва ҳам бо таъсиси тамоми анвоъи зарбии *усулҳои* силсила муайян мешавад. Масалан, дар мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр дар навбати аввал пардаи навъи аслӣ – *мақоми Дугоҳ*, дар навбати дуввум пардаи навъи фаръии 1-ум – *шуъбаи Чоргоҳ*, дар навбати саввум пардаи навъи фаръии 2-юм – *шуъбаи Ҳусайнӣ* қарор мегиранд. Чунин тартиби низоми *адвори* мақоми Дугоҳ дар ҷадвали зерин инъикос гардидааст:

Мисоли 8. Ҷадвал: тартиби ташаккули тамоми навъҳои пардаи мақоми Дугоҳ дар мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр:

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Навбати бунёдёбии пардаҳо | *- навбат* | якум | дуввум | саввум |
| 2 | Парда | *- парда* | *Дугоҳ* | *Чоргоҳ* | *Ҳусайнӣ* |
| 3 | Мавзеъ | *- роҳ* | | *БУЗУРГ* | |
| | Ҷӯри қаторовоз | *- соз* | | *Бузург* | |
| 4 | Табақаи нағамот | *- табақот* | зинаи I *шоҳпарда* | зинаи III *заифпарда* | зинаи I *шоҳпарда* |
| 5 | Зоти парда | *- зот* | *аслӣ* | *фаръӣ* | *фаръӣ* |
| 6 | Навъи парда | *- навъ* | *мақом* | *шуъбаи 1.* | *шуъбаи 2.* |

Дар баробари ин дар бахши соз – *Мушкилот* ва бахши овоз – *Насри* мақоми Дугоҳ тартиби банавбати навъҳои пардаҳо бо тартиби банавбати анвоъи усулҳои он мутаносиб мебошанд, ки он дар номҳои шохаҳои асосии силсила мунъакис аст. Яъне, тартиби пайомади се навъи парда (*мақоми Дугоҳ, шуъбаи Чоргоҳ* ва *шуъбаи Ҳусайнӣ*) бо тартиби пайдарҳамии навъҳои асосии *усул* дар шохаҳои бахши соз – *Мушкилот* ва бахши овоз – *Насри* мақоми Дугоҳ марбут мебошад. Танҳо лозим ба ёдоварист, ки шохаҳои силсила ба сифати шохаҳои *асосӣ, фосилавӣ* ва *футруъӣ* зоҳир мешаванд[1]. Ин гуфтаҳоро дар ҷадвалҳои зерин метавон равшан мушоҳида намуд:

Мисоли 9. Ҷадвал: тартиби ташаккули банавбати навъҳои *парда* ва *усул* (шохаҳои силсила) дар мақоми Дугоҳ:

1. Силсилаи аслии бахши соз – *Мушкилот*

| № | НАВБАТ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Парда | | Усул | |
| | Навъи аслӣ *мақом* | Навъи фаръии 2. *шуъбаи 2.* | *Шохаҳо* *асосӣ* | *илова* |
| 1 | *Дугоҳ* | | Тасниф | |
| 2 | *Дугоҳ* | | Тарҷеъ | |
| 3 | *Дугоҳ* | | Гардун | |
| 4 | *Дугоҳ* | | | Пешрав |
| 5 | *Дугоҳ* | | | Самоъ |
| 6 | *Дугоҳ* | | Мухаммас | |
| 7 | | *Чоргоҳ* | Мухаммас | |
| 8 | Ҳоҷихӯҷа | | | Мухаммас |
| 9 | Чорсархона | | | Мухаммас |
| 10 | *Дугоҳ* *(Ашкулло)* | | Сақил | |

[1] Дар силсилаи аслии бахши овози *Наср* шохаҳои фосилавӣ - *тарона* мавҷуд аст, ки аз нигоҳи усул тартиби муайянеро надоранд, вале сохтори соддаи оҳангиро дорост. Дар силсилаҳои фаръии бахши овоз *Савт* шохаҳои *футруъӣ – Талқинча, Фурӯғ, Соқинома* ва *Уфар* мавҷуданд, ки аз 4 усули муайян таркиб ёфтаанд.

2. Силсилаи аслии бахши овоз – *Наср*

| № | НАВБАТ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Парда | | | Усул | |
| | Навъи аслӣ *мақом* | Навъи фаръии 1. *шуъбаи 1.* | Навъи фаръии 2. *шуъбаи 2.* | Шохаҳо асосӣ | фосилавӣ (таронаҳо) |
| 1 | *Дугоҳ* | | | Сарахбор | *Сувора, Нақш, Шашзарб, Нақш, Соқинома, Нақш, Соқинома, Даромади Талқин* |
| 2 | | *Чоргоҳ* | | Талқин | *Талқинча, Даромади Наср* |
| 3 | | *Чоргоҳ* | | Наср | *Сувора, Сенаср, Нақш, Чапзарб, Талқинча, Даромади Ҳусайнӣ* |
| 4 | | | *Ҳусайнӣ* | Наср | *Сувора, Нақш, Талқинча* |
| 5 | *Дугоҳ* | | | Сарахбор (Супориши аввал) | |
| 6 | | *Чоргоҳ* | | Уфар | |
| 7 | *Дугоҳ* | | | Сарахбор (Супориши охир) | - |

Агар дар мутуни низоми адвори мақоми Дугоҳ *шуъбаи Чоргоҳ* ва *шуъбаи Ҳусайнӣ* пардаҳои нисбатан мустақилро ташкил диҳанд, аз нигоҳи бунёди силсилаи аслӣ онҳо мутағаййирири пардаро ба вуҷуд меоранд. Зеро дар қисмати сохтори силсилае, ки онҳо зоҳир мешаванд, тағйири мавзеъ ва нақшҳои анвоъи парда ба амал меояд. Бинобар ин пардаҳои мазкур дар бунёди сохтори мутаносиби силсилаи аслӣ нақши пардаҳои мутағаййирро ба дӯш доранд. Дар ҳолати зикргардида ҳар кадоми пардаҳо (*Чоргоҳ* ва *Ҳусайнӣ*) муваққатан ва бонавбат нақши пардаи асосиро мегиранд ва бинобар ин инҳирофи муваққатӣ, яъне *гузариш* аз пардаи аслии *мақоми Дугоҳ* ба пардаҳои фаръии *шуъбаи Чоргоҳ* ва *шуъбаи Ҳусайнӣ* ба амал меояд. Ин амали *гузариш* то лаҳзаи муайян дар сохтори силсила аз шохаи асосии *Талқин* оғоз гардида, то анҷоми *Уфар* идома меёбад, ки дар он пардаҳои фаръӣ муваққатан ҷойгузини пардаи аслӣ гардида, нақши пардаи асосиро мебозанд. Танҳо дар марҳилаи охири сохтори силсилаи мақом дар шохаи *Супориши охир* нақши пардаи аслӣ – *мақом* ба ҷои аслии хеш, ба пардаи *мақоми Дугоҳ* бозгашта, анҷоми мантиқиро пайдо мекунад ва дар пардаи асосии худ – *сарпарда* хотима меёбад. Ҳамин тавр, тамоми навъи пардаҳо – *мақоми Дугоҳ, шуъбаи Чоргоҳ,* ва *шуъбаи Ҳусайнӣ* аз рӯи тартиби банавбати муайян дар низоми бунёди таълифоти силсилаҳои асливу фаръии бахши созу овози мақоми Дугоҳ шакл мегиранд.

Аммо он чи ба силсилаи *аслӣ* муносибат дорад, он дар тартиби ташаккули пардаҳои силсилаҳои *фаръӣ* низ ҳифз карда мешавад, вале на дар ҳудуди як силсила. Дар ин маврид ҳар кадом аз навъҳои парда – *Дугоҳ*, *Чоргоҳ*

ва *Ҳусайнӣ* барои созмон додани силсилаи алоҳида – силсилаи тозаи фаръии *Савт* бунёд мегузоранд. Яъне ҳар кадом аз силсилаҳои фаръӣ дар асоси яке аз навъҳои парда, ки дар низоми силсилаи аслии бахши овози *Наср* зоҳир мешавад, таркиб меёбад. Мутобиқи тартиби бунёди пардаҳо дар мақоми Дугоҳ, дар заминаи пардаи аслии *мақоми Дугоҳ* намуди аввали силсилаи фаръӣ – *Амал*, яъне *Амали Дугоҳ* сохта мешавад. Ва дар асоси навъҳои якум ва дуввуми пардаҳои фаръӣ – *шуъбаи Чоргоҳ* ва *шуъбаи Ҳусайнӣ* намуди дуввуми силсилаи фаръӣ – *Савт*, яъне *Савти Чоргоҳ* ва *Савти Ҳусайнӣ* бунёд меёбанд. Ҳамин тариқ, тамоми навъҳои парда, ки дар силсилаи аслии бахши овоз – *Наср* зоҳир мешаванд, мушобеҳан аз рӯи мавқеи худ дар навъи силсилаи фаръӣ – *Савт* низ амал менамоянд.

Силсилаҳои фаръӣ дар асоси ҳар кадом аз навъҳои парда (*мақоми Дугоҳ, шуъбаи Чоргоҳ* ва *шуъбаи Ҳусайнӣ*) ба таври алоҳида бунёд мегарданд, ки дорои низоми сохтори муайяни зарбӣ (усул) буда, тартиби ягонаи пайдарҳамии онҳо дар тамоми ин навъи силсила риоя карда мешавад ва он аз панҷ шоха иборат аст: *Савт* (*Амал*), *Талқинча*, *Фурӯғ Соқинома* ва *Уфар*. Яъне, тартиби бунёди пардаҳо дар силсилаҳои *фаръӣ* мушобеҳ бо силсилаи *аслӣ* сурат мебандад, вале на дар ҳудуди як силсила. Дар ин ҷо ҳар навъи парда дар ташаккули силсилаи алоҳида амал мекунад ва дар доираи тартиби дигари усулҳо сохта мешавад, ки хоси силсилаи фаръии *Савт* мебошад. Тартиби банавбати бунёди сохтори *парда* ва *усул* дар силсилаҳои фаръии *Савт* дар мақоми Дугоҳ ба таври аён дар ҷадвали зер оварда шудааст.

Мисоли 10. Ҷадвал: тартиби бунёди банавбати сохтори *парда* ва *усул* дар силсилаҳои фаръии *Савти* мақоми Дугоҳ:

| № | Н А В Б А Т | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | П а р д а | | | У с у л *Шохаҳо* | |
| | Навъи аслӣ *маком* | Навъи фаръии якум *шуъбаи 1.* | Навъи фаръии дуввум *шуъбаи 2.* | асосӣ | фуруъӣ |
| 1 | *Дугоҳ* | | | **Амал** | |
| | | | | | Талқинчаи Амал |
| | | | | | Фурӯғи Амал |
| | | | | | Соқиномаи Амал |
| | | | | | Уфари Амал |
| 2 | | *Чоргоҳ* | | **Савт** | |
| | | | | | Талқинчаи Савт |
| | | | | | Фурӯғи Савт |
| | | | | | Соқиномаи Савт |
| | | | | | Уфари Савт |
| 3 | | | *Ҳусайнӣ* | **Савт** | |
| | | | | | Талқинчаи Савт |
| | | | | | Фурӯғи Савт |
| | | | | | Соқиномаи Савт |
| | | | | | Уфари Савт |

## II. РОҶЕЪ БА БУНЁДИ ПАРДАҲОИ МАҚОМИ ДУГОҲ

Азбаски *адвори* мақоми Дугоҳ дар заминаи *сози Бузурги* мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр бунёд ёфтааст, анвоъи пардаҳои онро дар ин сохтори қаторовоз мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод:

### 1. Ташаккули навъи пардаи *мақоми Дугоҳ*:

Навъи пардаи *мақоми Дугоҳ* дар *табақаи 1-уми* адвори мақоми Дугоҳ ё худ дар зинаи 1-ум - *шоҳпардаи* мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр ва дар заминаи ҷамъи ҷинсҳои *чору панҷ* ва тарзи пайванди *ҳамбастаи* ҷинсҳо сохта мешавад. Зимни бунёдёбии ин навъи парда *ҳамбастагӣ* дар ду зинаи васати ҷамъ, аз ҷумла 3-юм ва 4-ум зинаҳои ҷинси поёнӣ бо 1-ум ва 2-юм зинаҳои ҷинси болоӣ падид омада ним пардаро ташкил медиҳад, аммо дар қисмати ниҳоии ҷамъи ҷинсҳо бошад, байни зинаҳои 6-ум ва 1-ум ду нағмаи фосилавӣ иборат аз якуним парда (нимпада-парда) қарор мегиранд. Яъне, пайванди ду ҷинси чор ба тарзи *ҳамбастаи* ду зинаи васат ва тавассути якуним нағмаи (пардаи) фосилавии ниҳоӣ сурат мегирад. Сохтори парда дар ин маврид чунин тартиб дорад:

1-1-1/2 //
1/2-1-1 (1/2 -1)

Ин яке аз навъҳои сохтори парда бо тарзи пайванди *ҳамбаста* мебошад, ки дар заминаи ҷамъи (қаторовози) ҷинсҳои *чору панҷ* ба амал меояд. Дар ин ҷо миёни такяҳои *сарпарда* ва *миёнпарда* таносуби *се* (терсия) таркиб меёбад. Ҳамзамон ин навъи парда дар заминаи ду такя: *сарпарда* ва *миёнпарда* бунёд мегардад. *Сарпарда* дар асоси зинаи I – *шоҳпардаи* қаторовоз сохта мешавад, ки ҷинси поёниро таркиб медиҳад ва *миёнпарда* дар асоси зинаи III – *заифпарда* бунёд меёбад, ки ҷинси болоии қаторовозро бо якуним фосилаи ниҳоӣ таркиб медиҳад. Ҳамин тариқ, навъи пардаи *мақоми Дугоҳ* дар мавзеи *роҳи Бузург* ва ду ҷӯри дастаи танбӯр – *ҷӯри Бузург* ва *ҷӯри Рост*, аз нигоҳи сохтор ба таври зерин ташаккул меёбад:

Мисоли 1. Сохтори навъи пардаи *мақоми Дугоҳ* бо тарзи пайванди *ҳамбастаи* ҷинсҳо дар мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр:

1) дар ҳолати *ҷӯри Бузург*:



2) дар ҳолати *ҷӯри Рост*:




Такяи асосӣ – *сарпардаи мақоми Дугоҳ* дар асоси зинаи 1-ум – *шоҳпардаи* қаторовози *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр сохта шуда, аз як тараф, *табақаи* нағамоти пардаро дар ин *мавзеъ* ва аз тарафи дигар, сохтори ҷамъи (қаторовози) ҷинсҳои *чору панҷро* муқаррар месозад.

Ҳамзамон қайд кардан зарур аст, ки дар зинаи саввуми пардаи *мақоми Дугоҳ* дар раванди ҳаракатҳои оҳанг ба самти поён тағйирёбии нағма ба вуқӯъ пайваста, нағмаи пастшудаи мутағаййирӣ пайдо мешавад. Он дар мавзеи *роҳи Бузург* дар ҳолати *ҷӯри Бузург* нағмаи *фа-бекар* ва дар ҳолати *ҷӯри Рост* нағмаи *си-бемол*-ро ташкил медиҳад. Ин яке аз хусусиёти хоси зоҳиршавии пардаи *мақоми Дугоҳ* мебошад[1].

Дар заминаи ин навъи парда дар мақоми Дугоҳ шохаҳои асосӣ – *Таснифи Дугоҳ, Тарҷеъи Дугоҳ, Гардуни Дугоҳ, Мухаммаси Дугоҳ, Сақили Дугоҳ* (*Ашкулло*) ва иловагӣ – *Пешрави Дугоҳ, Самоъи Дугоҳ, Мухаммаси Ҳоҷихӯҷа, Мухаммаси Чорсархона* аз силсилаи бахши сози *Мушкилот,* инчунин шохаи якум – *Сарахбори Дугоҳ* аз силсилаи аслии бахши овози *Наср* ва якум навъи силсилаи фаръии бахши овоз – *Амали Дугоҳ* ташаккул ёфтаанд.

### 2. Ташаккули навъи пардаи *шуъбаи Чоргоҳ*:

Шаклёбии пардаи навъи *шуъбаи Чоргоҳ* аз зинаи III – *заифпардаи* қаторовози *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр ба амал омада, бо тарзи пайванди *пайвастаи* ҷинсҳо таркиб ёфтааст. Дар мутуни низоми адвори мақоми Дугоҳ пардаи *Чоргоҳ* ҳамчун пардаи навъи фаръии якум – *шуъбаи 1-ум* зоҳир мешавад.

Дар бунёди пардаи *шуъбаи Чоргоҳ* нағмаи фосилавӣ пас аз пайванди ҷинсҳо дар қисми болои қаторовоз байни зинаҳои ҳафтум ва якуми он қарор мегирад. Сохтори парда дар ин маврид чунин тартиб дорад:

1/2-1-1 // 1/2-1-1 (1)

---

[1] Дар амалия танбӯрнавозӣ ин нағма тавассути бештар фишор додани тор дар зинаи (пардаи) дуввум ихроҷ мегардад, ки дар ин ҳолат нағма то нимпарда болотар садо дода, нағмаи дилхоҳи зинаи саввумро ихроҷ менамояд. Дар робита бо ин зинаи дуввум ҳамчун зинаи *нағмапарда*, ки тариқи фишор додан ба он баландии нағмаро то ним парда, баъзан зиёда аз он метавонад тағйир диҳад, ишора карда мешавад. Нақши *нағмапарда* маъмулан дар раванди ҳаракати оҳанг ба самти поён, дар қисматҳои охири таълифот зоҳир мешавад.

Дар баробари ин пардаи *шуъбаи Чоргоҳ* дар заминаи зинаи 3-юм – *заифпарда* бунёд ёфта, ҳамзамон табақаи нағамоти худро ҳам дар низоми *адвори* мақоми Дугоҳ ва ҳам дар низоми қаторовози мавзеи *роҳи Бузург* дар таносуби ҷинсҳои *чору панҷ* муайян месозад. Дар ин ҷо такяи якум – *сарпарда* қисми поёнии ҷамъ – *ҷинси чор* ва такяи дуввум – *миёнпарда* қисми болоии ҷамъ – *ҷинси чор* ва якуним нағмаи фосилавии болоиро таркиб медиҳанд. Дар бунёдёбии пардаи *шуъбаи Чоргоҳ* бо тарзи пайванди *пайваста* миёни такяҳои *сарпарда* ва *миёнпарда* таносуби чор (кварта) ба вуҷуд меояд. Навъи пардаи *шуъбаи Чоргоҳ* зимни ду ҷӯри тории дастаи танбӯр – *ҷӯри Бузург* ва *ҷӯри Рост* дар мисоли адвори мусиқӣ чунин ба назар мерасад:

Мисоли 2. Сохтори навъи пардаи *шуъбаи Чоргоҳ* дар мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр:

1) дар ҳолати *ҷӯри Бузург*:




2) дар ҳолати *ҷӯри Рост*:




Ҳамзамон бояд қайд кард, ки дар зинаи якуми пардаи *шуъбаи Чоргоҳ* дар раванди ҳаракатҳои оҳанг ба самти поён тағйирёбии нағма ба вуқӯъ пайваста, нағмаи пастшудаи мутағаййирӣ пайдо мешавад. Он дар мавзеи *роҳи Бузург* дар ҳолати *ҷӯри Бузург* нағмаи *фа-бекар* ва дар ҳолати *ҷӯри Рост* нағмаи *си-бемол*-ро ташкил медиҳад. Ин яке аз хусусиёти хоси зоҳиршавии пардаи *шуъбаи Чоргоҳ* мебошад.

Дар баробари ин бояд зикр намуд, ки зинаҳои 1-ум ва 6-уми пардаи *шуъбаи Чоргоҳ* бо сифати такяҳои гуногун мавриди истифода қарор меёбанд: зинаи 1-ум ба сифати такяи поёнӣ – *поя* ва зинаи 6-ум ба сифати такяи болоӣ – *миёнпарда*. Дар таълифоти мақом дар заминаи ин такяҳо ду навъи даври оҳанг (*хат*) сохта мешавад, ки аз ҷиҳати табақот ва нақши худ онҳо бо номҳои мушаххас ишора шудаанд. Давре, ки дар табақаи боло, яъне дар заминаи такяи боло – *миёнпарда* сохта мешавад, бо унвони *Нағмаи Чоргоҳ* ишора мешавад ва давре, ки дар табақаи поён дар заминаи такяи поён – *поя* таркиб меёбад, ба унвони *Даромади Чоргоҳ* мушаххас мешавад:

**1)** Даври *Нағмаи Чоргоҳ*, маъмулан, дар марҳилаи дуввуми таълифоти мақом – *миёнбанд*, яъне дар қисмати авҷи таълифоти мақом зоҳир мегардад. Калимаи *нағма* дар ин маврид ба сифати даври дуввум, қисмати болои авҷи мақомӣ истифода мешавад. Яъне, агар даври аввали намуд *Муҳайяри Чоргоҳ* ном дошта бошад, даври дуввуми онро *Нағмаи Муҳайяри Чоргоҳ* мехонанд. Дар ҳолатҳои ҷудогона даври дуввуми *намуди Муҳайяри Чоргоҳ* дар шакли хеле мукаммал зоҳир мешавад, ки он дар ин маврид ҳамчун *Авҷи Муҳайяри Чоргоҳ* ишора мегардад. Аз ин чунин бармеояд, ки *Нағмаи Муҳайяри Чоргоҳ* ва *Авҷи Муҳайяри Чоргоҳ* даврҳои дуввуми *намуди Муҳайяри Чоргоҳ* ба ҳисоб меравaнд.

**2)** Дар асоси такяи поёнӣ – *пояи шуъбаи Чоргоҳ* даврҳои сохтори мақом бунёд ёфтаанд, ки дар як маврид *даромад* ва дар мавриди дигар *супориш* номида мешаванд. Яъне, агар дар заминаи *пояи шуъбаи Чоргоҳ* бунёди даври аввали (оғози) сохтори мақом сурат гирад, *даромад* ё ин ки *Даромади Чоргоҳ* хонда мешавад, пас ташаккули даври хотимавии таълифотро *супориш* ё ин ки *Супориши Чоргоҳ* мегӯянд. Азбаски ҳарду қисмат дар заминаи *пояи шуъбаи Чоргоҳ* сохта шудаанд, баъзан ҳар дуи онро *пояи Чоргоҳ* низ мехонанд[1].

Дар баробари ин қобили қайд аст, ки даври *даромад* ба ду маънӣ меояд:

а) *даромад* ба маънии даври аввали таълифоти мақомӣ сурат меёбад. Дар ин маънӣ нақши *даромад* ба таълифоти мақом мансуб аст. Яъне, дар ин маврид даври аввали сохтори мақом – *хат,* на аз такяи асосӣ – *сарпарда*, балки аз такяи поёнӣ – *поя* оғоз меёбад ва аз ин рӯ ин даври сохтор на ба унвони *сархат*, балки ба унвони *даромад* мавриди ишора қарор мегирад[2].

б) *даромад* ба маънии даври фосилавӣ (*тарона*) ва *муқаддимавӣ* дар силсилаи аслии бахши овоз – *Насри* Шашмақом падид меояд, ки он маъмулан қабл аз шурӯи шохаҳои асосии *Талқин* ва *Наср* сурат мегирад. Яъне, дар ин маврид шохаи охирини фосилавӣ – *тарона*, дар асоси *пояи* пардаи шохаҳои муқаддам – *Талқин* ва *Насри* силсилаи аслӣ бунёд меёбад. Бинобар ин шохаи мазкури фосилавӣ ба сифати қисмат ва даври пайванд ва воридсозанда – *даромад* амал мекунад.

Пеш аз оғози шохаҳои асосӣ – *Талқини Чоргоҳ* ва *Насри Чоргоҳи* силсилаи мазкур қисматҳои фосилавӣ ва воридсозанда дар шакли *тарона* таркиб меёбанд, ки *Даромади Чоргоҳ* номида мешаванд. Ин шохаҳо барои гузариши муттасил ва ҳамвор ба пардаи фаръии *шуъбаи Чоргоҳ* ва шохаҳои асосии *Талқин* ва *Наср* шароит фароҳам меоранд. Ин амал дар он зоҳир мешавад, ки аз як тараф, шохаи *даромад*, ки дар такяи поёнӣ – *поя* бунёд меёбад, барои оғози даври асосии оҳанг – *сархати* сохтори мақом, ки дар асоси такяи асосӣ – *сарпарда* сохта мешавад, шароити мусоид ва мувофиқ омода менамояд ва аз тарафи дигар, шохаи *даромад* дар заминаи усули шохаи навбатии *Талқин* ё *Насри* силсила падид меояд. Ин ҳар ду

---

[1] Гуфтан зарур аст, ки истилоҳи «*поя*» дар ин маврид ба ду маънӣ кор фармуда шудааст: 1) ҳамчун такяи парда; 2) ҳамчун даври сохтори мақом.

[2] Чунин шакли сохтори мақом ғолибан дар силсилаҳо ва таълифоти мақомии *Ушшоқ*, *Баёт*, *Дугоҳи Ҳусайнӣ* низ ба назар мерасад.

омил гузариши муттасил ва мулоимро аз пардаи аслӣ – *мақоми Дугоҳ* ба пардаи фаръӣ – *шуъбаи Чоргоҳ* ва ҳамзамон аз усулҳои гуногуни даврҳои фосилавӣ (*тарона*) ба усулҳои шохаҳои асосии *Талқин* ва *Наср* дар силсила аслӣ таъмин месозанд.

Шаклгирии шохаҳои асосии силсила – *Талқини Чоргоҳ* ва *Насри Чоргоҳ* аз шохаҳои воридсозанда – *Даромади Талқини Чоргоҳ* ва *Даромади Насри Чоргоҳ* оғоз мешавад, ки дар асоси такяи поёнӣ – *пояи шуъбаи Чоргоҳ*, ки дар фосилаи се (терсия) аз такяи асосӣ – *сарпарда* қарор дорад, бунёд ёфтаанд. Дар асоси ин такя инчунин *замзамаи Даромади Чоргоҳ* ва *замзамаи Пояи Чоргоҳ* (ё *замзамаи Супориши Чоргоҳ*) сохта шудаанд, ки дар заминаи *пояи шуъбаи Чоргоҳ* даврҳои сохтори таълифотро хотима мебахшанд.

Ҳамин тавр, дар заминаи се такяи парда – *поя*, *сарпарда* ва *миёнпарда* сохтори умумии пардаи *шуъбаи Чоргоҳ* аён мегардад: 1) дар заминаи такяи поёнӣ – *поя*, ҷинси муқаддимавии парда; 2) дар заминаи такяи марказӣ – *сарпарда* ҷинси асосӣ ва 3) дар заминаи такяи болоӣ – *миёнпарда* ҷинси боло ва як нағмаи фосилавӣ таркиб меёбанд. Дар заминаи мавзеи *роҳи Бузург* ва ду чӯри танбӯр – *ҷӯри Бузург* ва *ҷӯри Рост* сохтори ин парда – *пояи шуъбаи Чоргоҳ* чунин ба назар мерасад:

Мисоли 3. Бунёди пардаи *пояи шуъбаи Чоргоҳ* дар *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр:

1) дар ҳолати *ҷӯри Бузург*:




2) дар ҳолати *ҷӯри Рост*:




Дар заминаи чунин сохтори навъи пардаи *шуъбаи Чоргоҳ*, ки дар 3 такяи гуногун – *поя*, *сарпарда* ва *миёнпарда* зоҳир мешавад, ҳам таълифоти мақом ва ҳам сохторҳои авҷи мақомӣ ташаккул меёбанд. Сохтори мақомии иборат аз даврҳои – *Даромади Чоргоҳ*, *Чоргоҳ* ва *Нағмаи Чоргоҳ* (*Авҷи Чоргоҳ*)-ро дар шохаҳои фосилавӣ – *таронаҳои* силсилаи аслии бахши овоз – *Насри* мақоми Дугоҳ ва инчунин дар таълифот ва шохаҳои гуногуни силсилаҳои аслӣ ва фаръии мақомҳои Рост, Бузург ва Ироқ, ҳамзамон дар силсилаҳои мақомии алоҳида, амсоли *Чоргоҳ* мушоҳида намудан мумкин аст.



Inv. № 4162
AXBOROT RESURS MARKAZI

Дар таълифоти силсилаи *Чоргоҳ* инкишофи адвори мусиқӣ ва авҷу намудҳо дар атрофи такяҳои асосӣ – *поя, сарпарда* ва *миёнпардаи шуъбаи Чоргоҳ* сурат гирифта мутобиқи сохтори ин силсилаи мақомӣ ишораҳои дигар низ ба назар мерасад. Масалан даври аввали таълифоти *Чоргоҳи 1.*, дар заминаи такяи поёнӣ – *поя* таркиб ёфта, бо унвони *Даромади Чоргоҳ* ишора мешавад[1]. Даври дуввум, ки дар заминаи такяи асосӣ – *сарпарда* мебошад, *Чоргоҳ* (ё худ *Мухайяри Чоргоҳ*) номида мешавад ва даври саввум, ки дар заминаи *миёнпарда* ташкил ёфтааст, бо унвони *Муҳайяр*[2] ишора шудааст.

Хулоса, дар заминаи такяҳои асосии *поя, сарпарда* ва *миёнпардаи шуъбаи Чоргоҳ* вобаста ба низоми силсилаҳои мақомӣ (амсоли *Чоргоҳ, Дугоҳи Ҳусайнӣ* ва ғайра) ва силсилаҳои Шашмақом давру қисматҳои авҷии гуногун мавриди ишора қарор меёбанд. Дар низоми мақоми Дугоҳ ва дигар мақомҳои Шашмақом ин давру авҷҳои мақомӣ ба унвонҳои зерин ишора мешаванд: *Даромади Чоргоҳ, Пояи Чоргоҳ, Супориши Чоргоҳ, Чоргоҳ, Муҳайяри Чоргоҳ, Нагмаи Муҳайяри Чоргоҳ, Авҷи Муҳайяри Чоргоҳ*:

Мисоли 4. Сохтори навъи пардаи *шуъбаи Чоргоҳ* дар заминаи се такяҳои асосӣ (*поя, сарпарда, миёнпарда*) ва мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр:

1) дар ҳолати *ҷӯри Бузург*:




2) Дар ҳолати *ҷӯри Рост*:




---

[1] Дар баъзе мавридҳо қисмати авҷӣ, ки дар заминаи такяи поёнӣ – *поя* бунёд мегардад, *Пояи Чоргоҳ* низ мегӯянд. Яъне, истилоҳи «*поя*», ки ба ташаккули парда муносибат дорад, табиист, ки дар сохтор низ мавриди истифода аст.

[2] Даври саввуми авҷӣ *Муҳайяр* дар ин ҷо метавонад ҳам ба сифати *Нагма* ва ҳам ба сифати *Авҷ* зоҳир гардад. Ҳарсе намуди авҷӣ аз як зинаи қаторовоз сохта мешаванд.

Яъне, дар асоси ин се такяҳои пардаи навъи *шуъбаи Чоргоҳ* бунёди чанд намуди таълифоти *Чоргоҳ* ба вучуд омадаанд:

1) дар асоси такяи *поя* – таълифоти шохаи аввали *силсилаи Чоргоҳ – Чоргоҳи 1-ум* эҷод гардидааст. Азбаски ин таълифот дар асоси такяи поёнӣ – *пояи шуъбаи Чоргоҳ* офарида шудааст, он ба унвони *Даромади Чоргоҳ* шинохта мешавад.

2) дар асоси такяи маркази *сарпардаи шуъбаи Чоргоҳ* дар мақоми Дугоҳ – яке аз чорум шохаҳои асосӣ (*мухаммас*) – *Мухаммаси Чоргоҳ* аз силсилаи бахши соз – *Мушкилот*, инчунин се шохаи асосӣ – *Талқини Чоргоҳ*, *Насри Чоргоҳ* ва *Уфари Чоргоҳ* аз силсилаи аслии бахши овоз – *Наср* ва дуввум навъи силсилаи фаръии бахши овоз – *Савти Чоргоҳ* бунёд ёфтаанд.

3) дар асоси такяи *миёнпарда* – яке аз таълифоти мақомии *Муҳайяр* ташаккул ёфтааст.

## 3. Ташаккули навъи пардаи *шуъбаи Ҳусайнӣ*:

Шаклёбии пардаи навъи *шуъбаи Ҳусайнӣ* аз зинаи I – *шоҳпардаи* қаторовози *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр ба амал омада, дар асоси ҷамъи ҷинсҳои *чору панҷ* бо тарзи пайванди *пайвастаи* ҷинсҳо сохта мешавад. Зимни бунёдёбии ин парда нағмаи фосилавӣ дар қисмати ниҳоии ҷамъ (қаторовоз) байни зинаҳои 7-ум ва 1-ум қарор мегирад. Яъне, нағмаи фосилавӣ пас аз пайванди ду ҷинс аз зинаи ҳафтуми ҷамъ (қаторовоз) сурат мебандад ва сохтори парда дар ин мавриди бо чунин тартиб падид меояд:

1-1-1/2 // 1-1-1/2 (1)

Ин яке аз навъҳои сохтори парда бо тарзи пайванди *пайваста* мебошад, ки дар заминаи ҷамъи (қаторовози) ҷинсҳои *чору панҷи* мавзеи *роҳи Бузург* ба амал меояд. Дар ин мавриди бунёдёбии парда бо тарзи пайванди *пайваста* миёни такяҳои асоси *сарпарда* ва *миёнпарда* таносуби *чор* (кварта) таркиб меёбад.

Дар ин ҷо қайд намудан зарур аст, ки ин намуди парда дар заминаи ду такя: *сарпарда* ва *миёнпарда* бунёд меёбад. 1) *сарпарда* дар асоси зинаи I – *шоҳпардаи* қаторовоз сохта мешаванд, ки ҷинси поёнии ҷамъро таркиб медиҳанд ва 2) *миёнпарда* дар асоси зинаи IV – *зарпарда* бунёд меёбад, ки ҷинси болоӣ ва нағмаи фосилавии ниҳоии қаторовозро таъсис медиҳад. Ҳамин тариқ, пардаи *шуъбаи Ҳусайнӣ* дар мавзеи *роҳи Бузург* ва ду ҷӯри дастаи танбӯр – *ҷӯри Бузург* ва *ҷӯри Рост* аз нигоҳи сохтор ба таври зерин падид меояд:

Мисоли 5. Бунёди навъи пардаи *шуъбаи Ҳусайнӣ* дар мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр :

1) дар ҳолати ҷӯри *Бузург*:




2) дар ҳолати чӯри *Рост*:




Дар заминаи навъи пардаи *шуъбаи Ҳусайнӣ* яке аз шохаҳо саввуми асосӣ (*Наср*) – *Ҳусайнӣ* аз силсилаи аслии бахши овози *Наср* ва саввум силсилаи фаръии бахши овози *Савт – Савти Ҳусайнӣ* дар мақоми Дугоҳ ташаккул ёфтаанд.

Ҳамин тавр, дар заминаи қаторовози мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр низоми адвори мақоми Дугоҳ бо се навъи пардаҳои асосӣ — *мақоми Дугоҳ, шуъбаи Чоргоҳ* ва *шуъбаи Ҳусайнӣ* бунёд ёфтааст.

## III. ШАРҲИ ТАЪЛИФИ СИЛСИЛАИ НАВ
## (*Савти Ҳусайнӣ*)

Дар мақоми Дугоҳ маълум гардид, ки дар силсилаи *аслии* бахши овоз – *Наср* ҳамагӣ се навъи пардаҳо – *мақоми Дугоҳ*, *шуъбаи Чоргоҳ* ва *шуъбаи Ҳусайнӣ* иштирок доштанд. Яъне, мутобиқи қавонин ташаккули силсилаҳои *фаръӣ* дар асоси ҳар кадоме аз ин навъҳои пардаҳои мақоми Дугоҳ бояд силсилаҳои навъи *Савт*, амсоли *Амали Дугоҳ*, *Савти Чоргоҳ* ва *Савти Ҳусайнӣ* бунёд гардад.

Аммо маълум аст, ки дар амалияи мақом ва нашри пешини китоби Шашмақом танҳо ду силсилаи фаръӣ – *Амали Дугоҳ* ва *Савти Чоргоҳ* оварда шудааст, ки ба ду навъи пардаҳо – *мақоми Дугоҳ* ва *шуъбаи Чоргоҳ* мансуб мебошанд. Вале дар пардаи навъи *шуъбаи Ҳусайнӣ* силсилаи фаръии *Савт* падид наомадааст. Сабабҳо метавонанд гуногун бошанд: 1) эҳтимол ин силсила то замони мо нарасидааст; 2) шояд ин силсила то имрӯз таълиф нашудааст. Хулоса дар мақоми Дугоҳ як навъи силсилаи фаръӣ – *Савти Ҳусайнӣ* бунёд нагаштааст, агарчи дар рисолаҳои Шашмақом номи он ишора шудааст.

Аз ин сабаб бо мақсади ҳалли ин масъала гурӯҳи эҷодии Академияи мақом дар назди худ вазифа гузошт, ки ин навъи силсила – *Савти Ҳусайнӣ*-ро таълифу коркард намуда, рӯйи кор оранд. Ҳамин тавр, Академияи мақом мақсаде гузошт, ки аз як тараф, анъана ва суннати аслии таълифоти мақомӣ ва санъати *бастакории* устодонаи хешро ҳамзамон зинда намояд ва аз тарафи дигар, силсилаҳои тозаи навъи *Савтро* бо такя ба сабту таҷрибаи устодони Шашмақом ва қавонину қавоиди мавҷудаи мусиқии мақомӣ биофарад.

Таълифи силсилаи нав – *Савти Ҳусайнӣ*-ро хатмкунандаи Академияи мақом Хуршед Иброҳимов ба ӯҳда гирифт. Усули амали ӯ дар офаридани ин силсила дар қисмати зер тавсиф гардидааст:

### *Силсилаи Савти Ҳусайнӣ*:

Дар марҳилаи аввали кор Хуршед Иброҳимов маводи зарурии мусиқиро омӯхта, интихоби манобеи даркории зеринро анҷом медиҳад:

1) интихоби маводи мусиқӣ дар пардаи навъи *шуъбаи Ҳусайнӣ*;

2) интихоби сохтори таълифоти мақомӣ ва қисмати авҷӣ – *авҷу намудҳо*;

3) сохторҳои зарбӣ ва интихоби ашъори классикӣ дар авзони муайяни баҳрҳои арӯз.

Дар навбати аввал Х. Иброҳимов вазъи умумии корро арзёбӣ карда, баъдан маводи зарурии мусиқӣ ва шеъриро ҷамъоварӣ намудааст, сипас силсиларо таҳлил карда, усули офаридани онро муқаррар сохта, танҳо баъд аз анҷоми ин амалҳо бевосита ба ҷараёни офаридан, таълифу коркарди мусиқӣ шурӯъ кардааст.

Барои офаридани силсилаи *Савти Ҳусайнӣ* Х. Иброҳимов дар навбати аввал барои худ ҷавҳари оҳангеро муқаррар гардонида, дар мавриди эҷод

ба он такя намудааст. Ба сифати чунин оҳанг яке аз шохаҳои асосии силсилаи аслии бахши овози *Насри* мақоми Дугоҳ – *Ҳусайнӣ* баргузида шуд. Яъне, офаридани силсилаи нав на аз рӯи оҳанги тоза, балки дар асоси оҳанги мавҷуда амалӣ гашт. Ба ин минвол, ҷанбаи бунёди нағамоти силсилаи мақомии *Савти Ҳусайнӣ*, аз ҷумла сохтори парда, оҳанг ва қисмати авҷӣ муайян гардиданд. Сохтори қисматҳои авҷии силсилаи тозаэҷоди *Савти Ҳусайнӣ* аз шохаи *Ҳусайнӣ* силсилаи аслӣ бо каме фарқият таъсис дода шуд. Х.Иброҳимов ба қисмати авҷии силсилаи *Савти Ҳусайнӣ* танҳо як навъи намуд – *Муҳайяри Чоргоҳро* бо ду қисмат – *Муҳайяри Чоргоҳ* ва *Авҷи Муҳайяри Чоргоҳ* интихоб намуд. Тартибу ташаккули қисмати авҷии силсилаи *Савти Ҳусайнӣ* дар заминаи қаторовози пардаи *шуъбаи Ҳусайнӣ* чунин сурат гирифт:

- *Муҳайяри Чоргоҳ* – *зинаи 3*
- *Авҷи Муҳайяри Чоргоҳ* – *зинаи 6*

Дар мисоли хати адвори муосир қисмати авҷии силсилаи *Савти Ҳусайнӣ* дар ду қисмат – *Муҳайяри Чоргоҳ* ва *Авҷи Муҳайяри Чоргоҳ* дар заминаи навъи пардаи *шуъбаи Ҳусайнӣ* ва мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр чунин зоҳир мешавад:

Мисоли 1. Қисмати авҷии силсилаи *Савти Ҳусайнӣ* дар мавзеъи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр:

1) дар ҳолати ҷӯри *Бузург*:







2) дар ҳолати ҷӯри *Рост*:






Акнун мебоист ҷанбаи зарбии ин силсила, яъне масоили зарбу мизроби мусиқӣ ва шеърии онро ҳал менамуд. Маълум аст, ки силсилаи фаръӣ, дар айни ҳол *силсилаи Савт,* аз панҷ зарб – *усули* мақомӣ иборат аст, ки онҳо ҳамзамон панҷ шохаи мақомиро ташкил медиҳанд, аз ҷумла шохаи аввалу асосӣ – *Савт* ва чор бахши дигари фуруъӣ – *Талқинча*, *Фурӯғ*, *Соқинома* ва *Уфар*. Аз ин рӯ мебоист дар асоси ҳар кадоме аз ин усулҳо матнҳои ашъори классикӣ дар вазнҳои муайян интихоб мегардид. Дар ин маврид муҳим буд, ки матнҳои шеърӣ аз ҷиҳати вазн бо шакли ҳар кадоме аз усулҳои мақомӣ мутаносибу ҳамоҳанг гардад. Ҳамин тавр, Х.Иброҳимов дар асоси панҷ усули мавҷудаи мақомӣ матни шеърҳоро аз ашъори шуарои классики тоҷик ба авзони зерини шеър интихоб намуд:

1) *Савт* – Ҳазаҷи мусаммани солим
2) *Талқинча* – Музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф
3) *Фурӯғ* – Рамали мусаммани маҳзуф
4) *Соқинома* – Мутақориби мусаммани маҳзуф
5) *Уфар* – Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф

Танҳо пас аз анҷоми ин бахши кор Х.Иброҳимов бевосита ба таълиф ва коркарди панҷ шохаи мақомии силсилаи *Савти Ҳусайнӣ* шурӯъ кард.

Хулоса, дар асоси қавонини мавҷудаи ташаккули шохаҳои мақомӣ ва ҳамзамон бунёди силсилаҳои фаръии *Савт* Х.Иброҳимов силсисилаи *Савти Ҳусайнӣ*-ро таълифу коркард карда, дар шакли яккасарой бо танбӯру дойра дар студияи сабти овоз иҷро ва сабт намудааст, ки он дар нашри кунунии китоби Шашмақом оварда шудааст.




*Ансамбли Академияи мақом, 2007*

# I
# БАХШИ СОЗ

Ансамбли Академияи мақом, 2007

# МУШКИЛОТ

*(Силсилаи аслӣ)*

*1. Таснифи Дугоҳ*
*2. Тарҷеъи Дугоҳ*
*3. Гардуни Дугоҳ*
*4. Пешрави Дугоҳ*
*5. Самоъи Дугоҳ*
*6. Мухаммаси Дугоҳ*
*7. Мухаммаси Чоргоҳ*
*8. Мухаммаси Ҳоҷихӯҷа*
*9. Мухаммаси  Чорсархона*
*10. Сақили Дугоҳ*

# МУШКИЛОТ

## *(Силсилаи аслӣ)*

### 1. ТАСНИФИ ДУГОҲ




Фурӯ
Нимхонаи 2.
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Хонаи 5
Нимхонаи 1.
Фурӯи 1
Фурӯи 2
Фурӯи 3
Нимхонаи 2.
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Хонаи 6
Нимхонаи 1.
Фурӯи 1
Фурӯи 2
Фурӯи 3
Фурӯи 4


Нимхонаи 2.
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Хонаи 7 (Авҷи 1)
Нимхонаи 2.
Нимхона
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Хонаи 8 (Авҷи 2)
Нимхона
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Хонаи 9 (Авҷи 3)
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 1.
Хонаи 10 (Авҷи 4)
Нимхонаи 1.
Фурӯ
Нимхонаи 2.




## 2. ТАРҶЕЪИ ДУГОҲ




Нимхонаи 1. (б)
Нимхонаи 2. (а)
Нимхонаи 2. (б) (Фурӯ)
1.
Хонаи 2
2.
Нимхонаи 1. (а)
Нимхонаи 1 (б)
Нимхонаи 2. (а)
Нимхонаи 2 (б) (Фурӯ)
Бозгӯй
Нимхонаи 1. (а)
Нимхонаи 1. (б)
Нимхонаи 2. (а)
Нимхонаи 2. (б) (Фурӯ)
1.
2.


Хонаи 3
Нимхонаи 1. (а)
Фурӯ
Нимхонаи 1 (б)
Нимхонаи 2. (а)
Нимхонаи 2 (б) (Фурӯ)
Бозгӯй
Нимхонаи 1. (а)
Нимхонаи 1. (б)
Нимхонаи 2. (а)
Нимхонаи 2. (б) (Фурӯ)
1.
Хонаи 4
Нимхонаи 1. (а)
2.
Нимхонаи 1. (б)
Нимхонаи 2. (а)


Нимхонаи 2. (б)
Фурӯ
Хонаи 5
Нимхонаи 1. (а)
Нимхонаи 1 (б)
Нимхонаи 2. (а)
Нимхонаи 2 (б) (Фурӯ)
Бозгӯй
Нимхонаи 1. (а)
Нимхонаи 1. (б)
Нимхонаи 2. (а)
Нимхонаи 2. (б) (Фурӯ)
1.
2.

## 3. ГАРДУНИ ДУГОҲ






## 4. ПЕШРАВИ ДУГОҲ



## Хонаи 2

*Нимхонаи 1.*



*Нимхонаи 2. (Фурӯ)*



## Бозгӯй

*Нимхонаи 1.*



*Нимхонаи 2. (Фурӯ)*



## Хонаи 3

*Нимхонаи 1.*



*Нимхонаи 2. (Фурӯ)*



## Бозгӯй

*Нимхонаи 1.*



*Нимхонаи 2. (Фурӯ)*



## Хонаи 4

*Нимхонаи 1.*



*Нимхонаи 2. (Фурӯ)*



## Бозгӯй

*Нимхонаи 1.*



*Нимхонаи 2. (Фурӯ)*



## Хонаи 5

*Нимхонаи 1.*



*Нимхонаи 2. (Фурӯ)*



### Бозгӯй

*Нимхонаи 1.*



*Нимхонаи 2. (Фурӯ)*



## Хонаи 6 (*Авҷи 1*)

*Нимхонаи 1.*



*Нимхонаи 2. (Фурӯ)*



### Бозгӯй

*Нимхонаи 1.*



*Нимхонаи 2. (Фурӯ)*



## Хонаи 7 (*Авҷи 2*)

*Нимхонаи 1.*



*Нимхонаи 2. (Фурӯ)*



### Бозгӯй

*Нимхонаи 1.*



*Нимхонаи 2. (Фурӯ)*



## Хонаи 8 (*Авҷи 3*)

*Нимхонаи 1.*



*Нимхонаи 2. (Фурӯ)*



### Бозгӯй

*Нимхонаи 1.*



*Нимхонаи 2. (Фурӯ)*



## Хонаи 9 (*Авҷи 4*)

*Нимхонаи 1.*



*Нимхонаи 2. (Фурӯ)*



### Бозгӯй

*Нимхонаи 1.*



*Нимхонаи 2. (Фурӯ)*



## Хонаи 10 (*Фуровард*)

*Нимхонаи 1.*



*Нимхонаи 2. (Фурӯ)*



### Бозгӯй

*Нимхонаи 1.*





*Нимхонаи 2. (Фурӯ)*



## 5. САМОЪИ ДУГОҲ

М.М. ♩=60 Хонаи 1 (П*оя)*

*Нимхонаи 1.*



*Нимхонаи 2.*



Бозгӯй

*Нимхонаи 1.*



*Нимхонаи 2.*



Поя

*Нимхонаи 1.*



*Нимхонаи 2.*



Хонаи 2 (*Миёнхат*)

*Нимхонаи 1.*



*Нимхонаи 2.*



Бозгӯй

*Нимхонаи 1.*



*Нимхонаи 2.*




Поя
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Хонаи 3 (Дунасра)
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Бозгӯй
Нимхонаи 1
Нимхонаи 2.
Поя
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Хонаи 4 (Авҷи 1)
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.

Бозгӯй




Хонаи 5 (*Авчи 2*)




Бозгӯй




Поя




Хонаи 6 (*Фуровард*)




Фурӯ



Бозгӯй




## 6. МУХАММАСИ ДУГОҲ

М.М. ♩= 58

Хонаи 1




Бозгӯй




Хонаи 2
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Хонаи 3
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ

Хонаи 4




## 7. МУХАММАСИ ЧОРГОҲ

Хонаи 1




Фурӯ
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Хонаи 2
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Бозгӯй
Нимхонаи 1.


Нимхонаи 2.
Фурӯ
Хонаи 3
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Хонаи 4
Нимхонаи 1.




## 8. МУХАММАСИ ҲОЧИХӮЧА

М.М. ♩= 58

Хонаи 1




Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Хонаи 2
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.



Фурӯ
Хонаи 3 (Ранги Тарҷеъ)
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Хонаи 4
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.




Бозгӯй




## 9. МУХАММАСИ ЧОРСАРХОНА

М.М. ♩= 58

Хонаи 1




Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Хонаи 2
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ


Хонаи 3 (*Ранги Тарҷеъ*)
*Нимхонаи 1.*
*Нимхонаи 2.*
*Фурӯ*
Бозгӯй
*Нимхонаи 1.*
*Нимхонаи 2.*
*Фурӯ*
Хонаи 4
*Нимхонаи 1.*
*Нимхонаи 2.*
*Фурӯ (Ранги Тарҷеъи Наво)*

Бозгӯй




## 10. САҚИЛИ ДУГОҲ

Хонаи 1

M.M. ♩= 58





Хонаи 2




Хонаи 3




Хонаи 4




Нимхонаи 2.
Фурӯ
Хонаи 5
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Хонаи 6
Нимхонаи 1.




Бозгӯй




Хонаи 7 (*Ранги Таснифи Бузург*)




Нимхонаи 2.
Фурӯ
Хонаи 8
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Бозгӯй
Нимхонаи 1.


Нимхонаи 2.
Фурӯ

# II

# БАХШИ ОВОЗ



*Ансамбли Шашмақоми Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (1978)*

# I. НАСР

*(Силсилаи аслӣ)*

**1. Сарахбори Дугоҳ (Ироқӣ)**
*Таронаи 1 - Сувора (Шоҳин)*
*Таронаи 2 - Нақш (халқӣ)*
*Таронаи 3 - Шашзарб (халқӣ)*
*Таронаи 4 - Нақш (Мавлавӣ)*
*Таронаи 5 - Соқинома (Ҳофиз)*
*Таронаи 6 - Нақш (Мавлавӣ)*
*Таронаи 7 - Соқинома (халқӣ)*
*Даромади Талқини Чоргоҳ (А. Ҷабалӣ)*
**2. Талқини Чоргоҳ (Абдулвосеи Ҷабалӣ)**
*Таронаи 1 - Талқинча (халқӣ)*
*Даромади Насри Чоргоҳ (Рӯдакӣ)*
Лолае дорад латифу сунбуле дорад батоб.

*Фуровард*
Сунбули чанбарниҳоду наргиси ханчаргузор,
Лолайи шаккарфишону савсани анбарниқоб.

## ТАРОНАИ 1
### Халқӣ

*Сархат*
*Эй шӯхи ҷонона,*
*Ту ба ҳусн афсона.*
*Ту шамъи ин хона,*
*Ман ба ту парвона.*

*Чашми ту мастона,*
*Дил бе ту девона.*
*Шамъест ҷонона,*
*Гирди ту парвона.*

## ДАРОМАДИ НАСРИ ЧОРГОҲ
### Рӯдакӣ

***Даромади Чоргоҳ***
Фиғони ман ҳама з-он зулфи тобдори сиёҳ,
Ки гоҳ пардайи лолост, гоҳ меъҷари моҳ.

Назар чӣ гуна бидӯзам, ки баҳри дидани ӯ
Зи хоки ман ҳама наргис дамад ба ҷойи гиёҳ.

## 3. НАСРИ ЧОРГОҲ
### Наҷиб

***Сархат***
Ду дил ба меҳри ту бастам, ки об шуд ҳарду,
Ду доғ сӯхтаму офтоб шуд ҳарду.

***Миёнхат***
Ҳилоли ид ду мисраъ дар обу ойина дошт,
Ба як ишорати абрӯ хароб шуд ҳарду.

***Дунасра***
Ду шиша хуни ҷигар аз ту доштам дар дил,
Ба як ситезайи чашмон кабоб шуд ҳарду.

***Даромади Муҳайяри Чоргоҳ***
Ду лаб ба ғамза кушудӣ, дуо иҷобат шуд,
Ду арза додаму якҷо ҷавоб шуд ҳарду.

***Муҳайяри Чоргоҳ***
Ба абрувони ту гуфтам ду байт, як имо
Ба умр аз ту надидам, китоб шуд ҳарду.

***Нағмаи Муҳайяри Чоргоҳ***
Ҳамон ду зулф зи машшота тоб медодӣ,
Ба гардани дилу ҷонам таноб шуд ҳарду.

***Фуровард***
Зи дину дил ба ду дунё ду хона дошт Наҷиб,
Ба як карашмайи соқӣ хароб шуд ҳарду.

**ТАРОНАИ 1**
**(Савораи Чоргох)**
**Абдулазиз**

***Сархат***
Эй, гулу гулистонам орази гулистонат,
Мушку анбаристонам зулфи анбарафшонат.

***Авҷ***
Шамъи рӯйи ту ҳар гаҳ зеби маҷлисе гардад,
Бода ранги маҳ гирад пеши лаъли хандонат.

**ТАРОНАИ 2**
**Халқӣ**

***Сархат***
Ёрон, чу зи ман умед доред,
Он ёра ба назди ман биёред.
К-аз баҳри шифо зи чашму рӯяш
Гар бӯса кунам, аҷаб мадоред.

**ТАРОНАИ 3**
**Халқӣ**

***Сархат***
Бар кулбайи мо расиданӣ дошт,
Ширин суханаш шуниданӣ дошт,

***Авҷ***
Ҳарчанд саманди ноз тунд аст,

***Фуровард***
Як бор инон кашиданӣ дошт,
Ширин лаби ту макиданӣ дошт.

**ТАРОНАИ 4**
**Ҳайрат**

***Сархат***
Моҳе, ки сарви қоматаш сабр аз дили шамшод бурд,
Сарве, ки моҳи оразаш ҳуши ман аз бедод бурд.

***Авҷ***
Хун мехурам аз ҳасрати лаъли лаби ширини ӯ,
Ҷон канданам охир маро манзилгаҳи Фарҳод бурд.

***Фуровард***
То ишқи он гулпераҳан рахти иқомат зад ба ҷон,
Дину дилу ақлу хирад барканду аз бунёд бурд.

## ТАРОНАИ 5
### Ҳотиф

*Сархат*
Моро нигоҳе, эй моҳсимо,
Рафт охир аз дил сабру шикебо.

*Миёнхат*
Аз лаъли нӯшин бо ин умедам,
Инъом созӣ як бӯса моро.

*Авҷ*
Имшаб ту, эй шӯх, гоҳи табассум
Сад шӯри маҷлис бинмудӣ барпо.

*Фуровард*
З-ин рӯ ба ёдат ошиқ саҳаргоҳ
Таҳрир бинмуд ин байти зебо.

## ДАРОМАДИ ҲУСАЙНИИ ДУГОҲ
### Ҳофиз

*Даромад*
Ҷаноби ишқ баланд аст, ҳиммате, Ҳофиз!

## 4. ҲУСАЙНИИ ДУГОҲ
### Ҳофиз

*Сархат, Миёнхати 1*
Шароби беғашу соқийи хуш ду доми раҳанд,
Ки зиракони ҷаҳон аз камандашон нараҳанд.

*Миёнхати 2*
Ман арчи ошиқаму ринду масту номасиёҳ,
Ҳазор шукр, ки ёрони шаҳр бегунаҳанд.

*Дунасра*
Ҷафо на пешайи дарвешӣ асту роҳравӣ,
Биёр бода, ки ин соликон на марди раҳанд.

*Авҷ*
Мабин ҳақир гадоёни ишқро, к-ин қавм
Шаҳони бекамару хусравони бекулаҳанд.

*Бозгӯй*
Баҳуш бош, ки ҳангоми боди истиғно
Ҳазор хирмани тоат ба ним ҷав надиҳанд.

*Муҳайяри Чоргоҳ*
Макун, ки кавкабайи дилбарӣ шикаста шавад,
Чу бандагон бигурезанду чокарон биҷаҳанд.

*Даромади Авҷи Дугоҳ*
Ғуломи ҳиммати дурдикашони якрангам,
На он гурӯҳ, ки азрақлибосу дилсияҳанд.

*Дугоҳ*
Қадам манеҳ ба харобот ҷуз ба шарти адаб,
Ки сокинони дараш маҳрамони подшаҳанд.

*Фуровард, Супориш*
Ҷаноби ишқ баланд аст, ҳиммате, Ҳофиз!
Ки ошиқон раҳи дунҳимматон ба худ надиҳанд.

**ТАРОНАИ 1**
**(Савораи Ҳусайнии Дугох)**
**Абдулазиз**

*Сархат*
Аз табассумат бишкуфт ғунчаҳойи дил имшаб,
Чун диҳам зи каф берун ғунчаҳойи домонат?

*Миёнхат*
Ёди наргиси мастат дӣ ба хотирам хуш буд,
Суҳбати ту нек омад бо асири ҳиҷронат.

**ТАРОНАИ 2**
**Халқӣ**

*Сархат*
Аз омаданат агар хабар доштаме,
Дар рӯйи раҳат гули суман коштаме.

Нагзоштаме, ки пой бар хок ниҳӣ,
Хоки қадамат ба дида бардоштаме.

**ТАРОНАИ 3**
**Халқӣ**

*Сархат*
Дар кӯйи ниёз ҳар дилеро дарёб,
Дар кӯйи ҳузур муқбилеро дарёб.

Сад каъбайи обу гил ба як дил нарасад,
Каъба чӣ равӣ? Бирав, дилеро дарёб!

**СУПОРИШИ АВВАЛ**
**Низомӣ**

*Фуровард*
Ҷаҳонро чунин ганҷу гавҳар басест,
Калиди дари ганҷ бо ҳар касест.

## 5. УФАРИ ЧОРГОҲ

**Бедил**

***Сархат, Миёнхат***

Эй, ҷигарҳо доғдори шавқи пайкони шумо,
Чокҳойи дил ниёми теғи мижгони шумо.

***Дунасра***

Аз шикасти кори мо, ошуфтаҳолон, нусхаест
Дафтари ошӯб, яъне сунбулистони шумо.

***Даромади Муҳайяри Чоргоҳ***

Аз ҳуҷуми ашк бар мижгон гуҳарҳо чидаем
Дар таманнойи нисори лаъли хандони шумо.

***Муҳайяри Чоргоҳ***

Як сари мӯ холӣ аз пардози шӯхӣ нест ҳусн,
Сад нигаҳ хобида дар торики мижгони шумо.

***Нағмаи Муҳайяри Чоргоҳ***

Бо шикасти зулф натвон он қадар пардохтан,
Ранги мо ҳам нисбате дорад ба паймони шумо.

***Фуровард***

Бедили ошуфтаи мо бӯйи ҷамъият набурд,
То ба кай дар ҳалқаи зулфи парешони шумо?

## СУПОРИШИ ОХИР

**Ироқӣ**

***Фуровард***

Зи ҷаври ёр чӣ нолам, ки толеъи дили ман,
Чунон ки бахти Ироқист, ҳамчунон омад.

## II. САВТ
## (Силсилаҳои фаръӣ)

### 1.1. АМАЛИ ДУГОҲ
**Фурӯғӣ**

*Сархат*
Як шаб охир домани оҳи саҳар хоҳам гирифт,
Доди худ аз он маҳи бедодгар хоҳам гирифт.

*Миёнхат*
Чашми гирёнро ба тӯфони бало хоҳам супурд,
Нӯки мижгонро ба хуноби ҷигар хоҳам гирифт.

*Дунасра*
Интиқомамро зи зулфаш мӯ ба мӯ хоҳам кашид,
Орзуямро зи лаълаш сар ба сар хоҳам гирифт.

*Даромади Авҷи Дугоҳ*
Ё ба зиндони фироқаш бенишон хоҳам шудан,
Ё гиребони висолаш бехабар хоҳам гирифт.

*Авҷи Дугоҳ*
Ё лабонашро ба лаб ҳамчун шакар хоҳам макид,
Ё миёнашро ба бар ҳамчун камар хоҳам гирифт.

*Фуровард*
Гар, Фурӯғӣ, моҳи ман бурқаъ зи рӯ хоҳад фиканд,
Ман зи шавқаш айб бар шамсу қамар хоҳам гирифт.

### 2. ТАЛҚИНЧАИ АМАЛИ ДУГОҲ
**Ҷавҳар**

*Сархат*
Бояд майе ба бӯйи гулу ранги арғувон,
Чун нур бетағайюру чун нор зарфишон.

*Миёнхат*
Он бодае ба нури маҳу акси офтоб,
К-аз офтобу моҳ диҳад рӯзу шаб нишон.

*Дунасра*
Меъёри ақлу доруйи хобу фурӯғи рӯй –
Дармонрасону қуввати шахсу ғизойи ҷон.

*Даромади Авҷи Дугоҳ*
Бошад ба роҳи он, ки кунӣ рангаш озмун,
Бошад ба бӯйи он, ки кунӣ бӯяш имтиҳон.

*Авҷи Дугоҳ*
Бар гулшани мурод бувад бода тоза гул,
Бар киштийи мурод бувад бода бодбон.

*Фуровард*
Дар боғу бӯстон зи тамошо наёфт баҳр,
Бе май ҳар он, ки рафт суйи боғу бӯстон.

## 3. ФУРӮҒИ АМАЛИ ДУГОҲ

**Парӣ**

*Сархат*
Боварам н-ояд, ки имшаб ёр ояд дар барам,
Дар барам ояд, бубинам, то биёяд боварам.

*Миёнхат*
Соғарам аз акси рӯйи ёр дорад мавҷи май,
Мавҷи май ҷӯши таҷаллӣ мезанад дар соғарам.

*Дунасра*
Дилбарам ҳаргиз намеояд ба хобам дар бағал,
Дар бағал ояд ба бедорӣ зи мастӣ дилбарам.

*Даромади Авҷи Дугоҳ*
Гавҳарам олист аз гарди ятимӣ дар назар,
Дар назар ойинайи ҳусни маонӣ гавҳарам.

*Авҷи Дугоҳ*
Бар сарам по неҳ, ки монад то қиёмат, эй парӣ!
Эй парӣ, аз нақши поят тоҷи шоҳӣ бар сарам.

*Фуровард*
Камтарам донад Парӣ аз зарра ҳуснаш, месазад,
Месазад гӯям, ки ман аз камтари ӯ камтарам.

## 4. СОҚИНОМАИ АМАЛИ ДУГОҲ

**Ҳофиз**

*Сархат*
Биё, соқӣ, он роҳи райҳоннасим
Ба ман деҳ, ки не зар бимонад, на сим.

*Миёнхат*
Зареро, ки бешак талаф дар пай аст,
Ба май деҳ, ки дармони дилҳо май аст.

*Дунасра*
Биё, соқӣ, он ҷоми софисифат,
Ки бар дил кушояд дари маърифат.

*Даромади Авҷи Дугоҳ*
Бидеҳ, то сафойи дарун оварам,
Даме аз кудурат бурун оварам.

*Авҷи Дугоҳ*
Биё, соқӣ, аз кунҷи дайри муғон
Машав дур, к-он ҷост ганҷи равон.

*Фуровард*
Биё, соқӣ, аз май бинеҳ маҷлисе,
Ки дунё надорад вафо бо касе.

## 5. УФАРИ АМАЛИ ДУГОҲ

### Дилкаш

*Сархат*
Хуррам дили он кас, ки нигораш ба бар ояд,
Осудагийи ҷон, ки шаби ҳаҷр сар ояд.

*Миёнхат*
Аз ишқи ту ҳаргиз нашавад як сари мӯ кам,
Гар филмасал он зулфи сияҳ то камар ояд.

*Дунасра*
Ашкам шаби ҳиҷрони ту мерехт зи дида
З-он гуна, ки аз абри баҳорон матар ояд.

*Даромади Авҷи Дугоҳ*
Аз баҳри суроғаш чӣ давӣ кӯча ба кӯча?
Як дам бинишин, ёр дар ин раҳгузар ояд.

*Авҷи Дугоҳ*
Соянд ҳарифон ба сарам дасти навозиш,
Аз табъи равонам ҳамагӣ шеъри тар ояд.

*Фуровард*
Ҳарчанд хазафреза бувад шеъри ту, Дилкаш,
Дар дидайи аҳбоб чу дурру гуҳар ояд.

## II. 1. САВТИ ЧОРГОҲ
### Заҳирӣ

*Сархат*
Гирифторам ба доми чини зулфи анбаринмӯе,
Зулайхоталъате, Лайливаше, Ширинсухангӯе.

*Миёнхат*
Яке холи сияҳ ҷо карда бар кунҷи лаби лаълаш,
Ки гӯё бар лаби оби бақо биншаста ҳиндуе.

*Дунасра*
Ду пистонаш зи чоки пераҳан дидам, ба дил гуфтам:
Тамошо кун, ки сарви ноз бор оварда лимӯе.

*Даромади Авҷи Дугоҳ*
Расида гӯшаи абрӯ ба чашми сурмасоии ӯ,
Ту пиндорӣ, камон оварда дар дунболи оҳуе.

*Авҷи Дугоҳ*
Ба рӯ чун маҳ, ба бӯ чун гул, маозаллаҳ, ғалат гуфтам,
Надорад маҳ чунин рӯе, надорад гул чунин бӯе.

*Фуровард*
Миёни хубрӯён сарбаландӣ месазад ӯро,
Ки дорад чун Заҳирӣ ошиқи зори дуогӯе.

## 2. ТАЛҚИНЧАИ САВТИ ЧОРГОҲ
### Адиб Собир

*Сархат*
Эй зулфи ёри ман, зиреҳӣ ё зиреҳгарӣ?
Ё пеши тири ғамзаи дилбар зиреҳдарӣ?

*Миёнхат*
Нашнидаам, ки ҳеч зиреҳ Зӯҳра парварад,
Бар рӯйи он санам зиреҳи зӯҳрапарварӣ.

*Дунасра*
Мичмар ҳаме набоядату уднакҳатӣ,
Оташ ҳаме насӯзадату мушкпайкарӣ.

*Даромади Авҷи Дугоҳ*
Гоҳ аз рухон-т соҳиби ёқуту луълуйӣ,
Гоҳ аз лабон-т соҳиби ҳар ҷону шаккарӣ.

*Авчи Дугоҳ*
Боғӣ магар, ки маъдани насрину савсанӣ?
Чархӣ магар, ки ҷойгаҳи моҳу ахтарӣ?

*Фуровард*
Гар қавли файласуф найӣ, чун мусалсалӣ?
В-ар хулқи садри шарқ найӣ, чун муаттарӣ?

## 3. ФУРӮҒИ САВТИ ЧОРГОҲ

**Роҷӣ**

*Сархат*
То нафас боқист, гарми барқи ҷавлони туям,
Хок гардам ҳам, ғубори гарди домони туям.

*Миёнхат*
Шонасон гар устухоне аз танаш бошад, ҳанӯз
Синачоки ҳасрати зулфи парешони туям.

*Дунасра*
Чанд майли хонаи ойина? Гоҳе метавон
Рӯй сӯйи хонаи ман ҳам, ки меҳмони туям.

*Даромади Авҷи Дугоҳ*
Тирабахтӣ ваҳшатандӯзи бисоти қурб нест,
Соям гар, сояи сарви хиромони туям.

*Авҷи Дугоҳ*
Гарчи хондам аз муҳаббат фасл-фаслу боб-боб,
Ҳолиё тифли навомӯзи дабистони туям.

*Фуровард*
Шӯҳра гардидам ба олам, з-он ки Роҷӣ ҳамчу меҳр,
Меҳрубоно, резачини хони эҳсони туям.

## 4. СОҚИНОМАИ САВТИ ЧОРГОҲ

**Низомӣ**

*Сархат*
Биё, соқӣ, он бодаи чун гулоб
Барафшон ба ман, то дароям зи хоб,

*Миёнхат*
Гулобе, ки оби ҷигарҳо бад-ӯст,
Давойи ҳама дарди сарҳо бад-ӯст.

*Дунасра*
Муғаннӣ, биёр он дами ҷонфазой,
Калиде, ки шуд ганҷигавҳаркушой.

*Даромади Авҷи Дугоҳ*
Бар ин дам магар чун калид оварӣ,
Аз ӯ ганҷу гавҳар падид оварӣ.

*Авҷи Дугоҳ*
Биё, соқӣ, он бода бар даст гир,
Ки аз хурданаш нест касро гузир.

*Фуровард*
На бода, чигаргӯшаи офтоб,
Ки ҳам оташ омад ба гавҳар, ҳам об.

## 5. УФАРИ САВТИ ЧОРГОҲ
### Саъдӣ

*Сархат*
Эй лӯъбати хандон, лаби лаълат кӣ газидаст?
В-эй боғи латофат, гули рӯйи ту кӣ чидаст?

*Миёнхат*
Некӯтар аз ин мева ҳама умр кӣ хурдаст?
Ширинтар аз ин харбуза ҳаргиз кӣ буридаст?

*Дунасра*
Ин хуни касе рехтайӣ, ё майи сурх аст?
Ё тути сиёҳ аст, ки бар ҷома чакидаст?

*Даромади Авҷи Дугоҳ*
Бо ҷумла даромезию аз мо бигурезӣ,
Ҷурм аз ту набошад, гунаҳ аз бахти рамидаст.

*Авҷи Дугоҳ*
Бисёр таваққуф накунад меваи пурбор,
Чун халқ бидонанд, ки ширину расидаст.

*Фуровард*
Саъдӣ, агар ин боғ ба тороҷ бибуранд,
Сад ҷойи дигар мевайи ширини расидаст.

## III. 1. САВТИ ҲУСАЙНӢ
### Ҳилолӣ

***Сархат***

Магӯ афсонаи Маҷнун, чу ман дар анҷуман бошам,
Аз ӯ боре чаро гӯяд касе ҷое, ки ман бошам.

***Миёнхати 1***

Касе афсонаи дарди маро ҷуз ман намедонад,
Аз он доим мани девона бо худ дар сухан бошам.

***Миёнхати 2***

Бирав, зоҳид, ки ман коре надорам ғайри май хурдан,
Маро бигзор, то машғули кори хештан бошам.

***Дунасра***

Ҷудо з-он сарвқад гар ҷониби бустон равам рӯзе,
Ба ёди қадди ӯ дар сояи сарви чаман бошам.

***Муҳайяри Чоргоҳ***

Чӣ сон пинҳон кунам розе, ки аз сад парда зоҳир шуд?
Магар вақте ниҳон монад, ки дар зери кафан бошам.

***Авҷи Муҳайяри Чоргоҳ***

Маро ҷон кӯҳи андӯҳ асту ман ҷон меканам, оре,
Туро чун лаъл ширин аст, ман ҳам кӯҳкан бошам.

***Фуровард***

Ҳилолӣ, чун намепурсад маро ёреву ғамхоре,
Мани мискин ғарибам, гарчи доим дар ватан бошам.

## 2. ТАЛҚИНЧАИ САВТИ ҲУСАЙНӢ
### Мунзими Бухороӣ

***Сархат***

Эй моҳи сарвқомату эй сарви моҳрӯй,
Аз чист тофтан зи мани бегуноҳ рӯй?

***Миёнхати 1***

Хун аз фироқи тусг маро лахта-лахта дил,
Зард аст аз ғами ту маро ҳамчу коҳ рӯй.

***Миёнхати 2***

Аз ҳад гузашт нозу тағофул, зи лутфи хеш
Бинмой ҷониби мани дилхаста гоҳ рӯй.

***Дунасра***

То дурам аз висол намудӣ, намудааст
Бар ман зи дарди ҳаҷри ту ҳоли табоҳ рӯй.

*Муҳайяри Чоргоҳ*
Бахшой бар ман аз караму зудтар бикуш,
Бигрифт оташи дилам аз боди оҳ рӯй.

*Авҷи Муҳайяри Чоргоҳ*
Бинмой рӯйи хеш, ки меҳр аст ё маҳ аст,
Бар ман, ки додааст маро иштибоҳ рӯй.

*Фуровард*
Дар ҳар раҳе, ки тарзи хиром оварӣ ба ноз,
Мунзим ниҳад зи аҷз бар он хоки роҳ рӯй.

## 3. ФУРӮҒИ САВТИ ҲУСАЙНӢ

**Мушфиқӣ**

*Сархат*
Дар ғамат дилро фигору хаста мегӯем мо,
Аҳли дардем, ин сухан дониста мегӯем мо.

*Миёнхати 1*
Бар дили мо он чи аз тоқи ду абрӯят гузашт,
Бо худ аз девонагӣ пайваста мегӯем мо.

*Миёнхати 2*
Меравӣ тунду дуогӯён зи дунболи туанд,
Ваҳ, ки меранҷӣ, агар оҳиста мегӯем мо.

*Дунасра*
Гуфтам: эй гул, он даҳанро пистайи хандон бигӯ!
Ин сухан, гуфт, аз даҳони баста мегӯем мо.

*Муҳайяри Чоргоҳ*
Риштайи ҷони рақибон бар сари кокул мабанд,
Фитнае хоҳад шудан, сарбаста мегӯем мо.

*Авҷи Муҳайяри Чоргоҳ*
Ҳар касе пурсад зи ашки мо, ҷавоби ин сухан
Чеҳра аз хуноби ҳасрат шуста мегӯем мо.

*Фуровард*
Мушфиқӣ, ҳар кас чи донад мастиву ворастагӣ,
Бо гирифторони азхудраста мегӯем мо.

## 4. СОҚИНОМАИ САВТИ ҲУСАЙНӢ

**Мушфиқӣ**

*Сархат*
Муғаннӣ, чу най бар сари оташам,
Навое баровар, ки оҳе кашам.

*Миёнхати 1*
Ба як мадди оҳи найи ҷонфизой
Дари бахти сармад ба рӯям кушой!

*Миёнхати 2*
Ки бар қавли ман чун наёбӣ амал,
Ба ишқи ғизоле саройӣ ғазал.

*Дунасра*
Биё, соқӣ, он лаъли якпoраро,
Ки ёқути рахшон кунад хораро.

*Муҳайяри Чоргоҳ*
Ба ман деҳ, ки он нури чашму чароғ
Бувад беҳтар аз гавҳари шабчароғ.

*Авҷи Муҳайяри Чоргоҳ,*
Ба ман деҳ, ки бозӯйи зӯре диҳад,
Бисоти Сулаймон ба мӯре диҳад.

*Фуровард*
Зи абрешими тору мизроби уд
Либоси тарабро бувад тору пуд.

## 5. УФАРИ САВТИ ҲУСАЙНӢ
### Масрури Бухоройӣ

*Сархат*
То доманат, эй дилбари фарзона, гирифтам,
Домони мурод аз кафи девона гирифтам.

*Миёнхати 1*
Парвонасифат сӯхтам аз шӯълайи шамъе,
Ин қойидаро ёд зи парвона гирифтам.

*Миёнхати 2*
Ҳаргиз наравад дил зи ғамам, гиряду гӯяд:
Умрест, ки ман ҷой ба вайрона гирифтам.

*Дунасра*
Дӯшина дилам танг шуд аз зуҳди риёйӣ,
Имрӯз зи масҷид раҳи майхона гирифтам.

*Муҳайяри Чоргоҳ*
Тасбеҳ биафкандаму ангур фишурдам,
Саҷҷода гарав кардаму паймона гирифтам.

*Авҷи Муҳайяри Чоргоҳ*
Ин суд маро бас, ки ба бозори муҳаббат
Ҷон додаму ком аз лаби ҷонона гирифтам.

*Фуровард*
Ҷуз васфи рухи симтанон ҳар суханеро,
Масрур, шунидам, ҳама афсона гирифтам.

# III

# Илова

# I. СИЛСИЛАҲОИ ЧУДОГОНАИ МАҚОМӢ

## I. ДУГОҲИ ҲУСАЙНӢ 1

### Мухаммаси Мулҳам бар ғазали Рафеъ

***Банди 1.***

***Сархат***

Гуфтӣ ба мо, ки он гули рухсор нозук аст,
Сар то ба пой нахли қади ёр нозук аст.

***Миёнхати 1, Миёнхати 2***

Ҳарчанд гуфтугӯйи ту бисёр нозук аст,
«Кам гӯ сухан, ки хотири дилдор нозук аст,

***Дунасра***

Кам гӯ сухан, ки хотири дилдор нозук аст,
Бори гуҳар намекашад, ин тор нозук аст».

***Банди 2.***

***Даромади Авҷ***

Мутриб, садойи нағмаи дерин чӣ медиҳӣ?
Таклифи ман ба боғу раёҳин чӣ медиҳӣ?

***Авҷ***

Ҳар дам навиди лолаву насрин чӣ медиҳӣ?
«Соқӣ, ту май ба ҷоми булӯрин чӣ медиҳӣ?

***Авҷи Калон (фард)***

Соқӣ, ту май ба ҷоми булӯрин чӣ медиҳӣ?

***Фуровард***

Аз гул пиёла соз, лаби ёр нозук аст».

## ДУГОҲИ ҲУСАЙНӢ 2

### Мирзо Ато

***Банди 1.***

***Сархат***

Нигоҳаш медиҳад таълими бедорӣ ба мижгонҳо,
Зи дил берун наёяд то қиёмат тири мижгонҳо.

***Банди 2.***

***Даромади Авҷ***

Ки холи ӯ ба кунҷи лаб нишаста баҳри дил бурдан,
Зи баҳри дона ҳамчун мурғ берун meравад ҷонҳо.

*Авҷ*
Шуда бори такаббур мубтанӣ, нахли ҳаёти ман
Нафас дар рафтуомад мекунад ҳар лаҳза сӯҳонҳо.

*Банди 3.(Бозгӯй)*
*Даромади Авҷ*
Табиби ишқ ҷуз дарду алам ҳаргиз намедонад,
Маризи ишқро ҷуз нози хубон нест дармонҳо.

*Авҷ*
Ато, дил дар барам гум гаштаву ҳаргиз намеёбам,
Набошад мисли ман дар даҳр кас гумкарда армонҳо.

**ДУГОҲИ ҲУСАЙНӢ 3**
**Симини Беҳбаҳонӣ**

*Банди 1.*
*Даромади Авҷ*
Чун дарахти фарвардин пуршукуфа шуд ҷонам,
Домане зи гул дорам, бо чӣ кас бияфшонам?

*Банди 2.*
*Авҷ*
Эй насими ҷонпарвар, имшаб аз барам бигзар,
Варна инчунин пургул то саҳар намемонам.

*Банди 3.*
*Авҷи Калон*
Шеъри ҳамчу удамро оташи дилам сӯзад,
Мавҷи атр аз он рақсад дар дили шабистонам.
Кас ба базми майхорон ҳоли ман намедонад,
З-он ки бо дили пурхун чун пиёла хандонам.

**ДУГОҲИ ҲУСАЙНӢ 4**
**Махфӣ**

*Банди 1.*
*Сархат (Ироқ)*
Эй, ки дар гулшан гуле чун рӯйи зебойи ту нест,
Эй, ки сарве дар чаман чун қадди раънойи ту нест.

*Миёнхат*
Равшанийи дидайи ҳар дидайи бино туйӣ,
Кӯр бодо дидайи ҳар кас, ки бинойи ту нест!

*Банди 2.*
*Авҷ*
Ҳайф бошад дар даруни сина пинҳон доштан
Ҳуққайи ҳар дил, ки пурнақди таманнойи ту нест.

*Банди 3.*
*Авҷ (Бозгӯй)*
Чун насим ар бигзарам, Махфӣ, дар атрофи чаман,
Хори меҳнат доманам гирад, ки ин ҷойи ту нест.

**ДУГОҲИ ҲУСАЙНӢ 5**
**Камол**

*Банди 1.*
*Сархат (1)*
Ошиқиву бедилӣ, бедилбарӣ
Ин ҳама дорам ғарибибарсарӣ.
То ба чашми ман, ки айни мардумист,
Бингарӣ бар ҳоли ман, гар бигзарӣ.

*Сархат (2)*
Ин ҳама борони меҳнат худ маро
Бар сар аз чашми тар омад бар сарӣ.
Шамъи маҷлис дӯш дур аз рӯйи ҷамъ
Гунайи рухсори ман диду гирӣ.

*Банди 2.*
*Авҷ (1)*
Ҳам ба дашноме чӣ бошад, эй малус,
К-аз дуогӯёни худ ёд оварӣ.
Бо рақибон ҳайфӣ, эй шириндаҳан,
Чун дар ангушти гадо ангуштарӣ.

*Авҷ (2)*
Қиматат ҳар кас надонад чун Камол,
Ҷони ман, ту гавҳарӣ, ман ҷавҳарӣ.

**ДУГОҲИ ҲУСАЙНӢ 6**
**Туғрал**

*Банди 1.*
*Сархат*
Омаду дар пеши ман аз ноз ҷавлон карду рафт,
Хотирамро ҳамчу зулфи худ парешон карду рафт.

*Авҷ*
Баски селоби сиришкам омад аз ҷӯши ғамаш,
Қасри бунёди диламро сахт вайрон карду рафт.

*Банди 2. (Бозгӯй)*
*Сархат*
Дишаб аз лаъли Бадахшон шуд ҳикоят, лаъли ӯ
Хандае аз нописандӣ бар Бадахшон карду рафт.

*Авҷ*
Бурқаъ аз рух барфиканду чеҳрайи худро намуд,
Тоқату сабру қарорам бурду сомон карду рафт.

## ДУГОҲИ ҲУСАЙНӢ 7

### Камол

***Банди 1.***
***Сархат***
Рух бипӯшиду ҷигар месӯзадам,
Оташи пинҳон батар месӯзадам.
***Миёнхат. Бозгӯи Миёнхат.***
Хона гар аз об созам чун ҳубоб,
Оҳи дил девору дар месӯзадам.

***Банди 2.***
***Авҷ***
Ёди он лаб, дил, ки хунолуд аз ӯст,
Чун намак бар реши тар месӯзадам.
***Фуровард. Бозгӯи Фуровард***
Пой аз сар мекунам пешаш чу шамъ,
Гарчи аз по то ба сар месӯзадам.

***Банди 3.***
***Авчи Калон***
Сӯхт ҷонам нози ӯ, бодаш ҳалол,

***Фуровард. Бозгӯи Фуровард.***
Сӯхт ҷонам нози ӯ, бодаш ҳалол,
Гар ба як нози дигар месӯзадам.

## II. ЧОРГОҲИ 1

**Камол**

***Банди 1.***

***Даромад***

Дардо, ки умр рафту накардем ҳеҷ кор.

Соқӣ, биё, ки кор ту дорӣ, шароб дор.

***Миёнхат***

Аз чашмасори чоҳи ҷавонӣ ба ташнае

***Дунасра***

Обе бидеҳ, ки пир шавӣ, эй умедвор.

***Банди 2.***

***Муҳайяр***

Ту шаҳриёри ҳусниву шаҳри қадими туст

Дилҳойи беқарор, ки кардӣ дар ӯ қарор.

***Авҷи Муҳайяр***

Пирони кордида шиносанд қадри ҳусн,

***Фуровард***

Дар рӯзгори ҳусни ту моем пири кор.

***Банди 3.(Бозгӯй)***

***Муҳайяр***

Покизарӯй чун гулу покизадоманӣ,

Шоистайи ту ошиқи покизарӯзгор.

***Авҷи Муҳайяр***

Гар бингарад равонийи оби сухан, Камол,

***Фуровард***

Аз чашмасори хеш равад Хизр шармсор.

***Банди 4.***

***Авҷи Чоргоҳ***

Хоки Хуҷандро, ки зи Шероз кам ниҳанд,

***Фуровард***

Омад ба рӯзгори ту обе ба рӯйи кор.

## ЧОРГОҲИ 2

**Камол**

***Банди 1.***

***Сархат***

Ҳадиси ёри ширинлаб нагунҷад дар даҳони ман,

Кӣ бошам ман, ки номи ӯ барояд бар забони ман?!

*Миёнхат*
Рақибам рӯзе аз чашмат ба куштан дод пайғоме,
*Фуровард*
Ҳанӯз он муждайи давлат нарафт аз гӯши ҷони ман.

*Банди 2.*
*Муҳайяр*
Насими дӯстӣ ояд сагони остонашро,
Пас аз сад сол агар як-як бибӯянд устухони ман.

*Авҷи Муҳайяр*
Ғами ӯ то тавон дорад, ба ҷон меҷӯяд озорам,
Чӣ меҷӯяд, намедонам, зи ҷони нотавони ман.

*Банди 3.*
*Авҷи Муҳайяр*
Камол, ар бишнавад Саъдӣ ду байте з-ин ғазал, гӯяд,
*Фуровард*
Ки хоки боғи табъат бурд оби бӯстони ман.

## ЧОРГОҲИ 3
### Камол

*Банди 1.*
*Сархат*
Ҷаҳоне пур зи мақсуд асту роҳе равшану пайдо,
Дареғо, ташналаб хоҳем мурдан бар лаби дарё.

*Миёнхат*
Касе, к-аз талъати хуршед чуз гармӣ намебинад,
Дило, маъзур медораш, ки дорад чашми нобино.

*Банди 2.*
*Муҳайяр*
Ба бӯйи васли ӯ мехур ғами ҳиҷрон, ки хуш бошад,
Кашидан заҳмати хор аз баройи роҳати хурмо.

*Авҷи Муҳайяр*
Магӯ, к-арбоби дил рафтанду шаҳри ишқ шуд холӣ,
*Фуровард*
Ҷаҳон пур Шамси Табрез аст, марде ку чу Мавлоно?!

*Банди 3. (Бозгӯй)*
*Муҳайяр*
Ба кунҷи эйманӣ натвон нишаст аз чашму зулфи вай,
Ки дар ҳар ҷонибе шӯр асту дар ҳар хонае ғавғо.

***Авҷи Муҳайяр***
Ба нодон ар нишон додӣ, Камол, аз хоки даргоҳаш
***Фуровард***
Кашидӣ кӯҳли бинойӣ, вале дар дидайи аъмо.

## ЧОРГОҲИ 4
### Мансуб ба Камол

***Банди 1.( Муҳайяр)***
***Сархат***
Рафт аз дасти ман он зебо нигоре, чун кунам?
Нест дар дастам инони ихтиёре, чун кунам?

***Миёнхат***
Дар ҳама аҳволам ӯ будӣ, ки будӣ ғамгусор,
Ин замон ҷуз ғам надорам ғамгусоре, чун кунам?

***Дунасра***
Дӯстон гӯянд, ҳон, тадбири кори хеш кун,
Ман, ки корафтодаам, тадбири коре чун кунам?

***Банди 2.***
***Муҳайяр***
Ваъдайи дидор фармудасту бар уммеди он
Мекашам ночору ноком интизорӣ, чун кунам?

***Авҷи Муҳайяр***
Як замон бе ӯ бимонам, сад хиҷолат мекашам,
***Фуровард***
Вой, агар бе ӯ бимонам рӯзгоре, чун кунам?

## ЧОРГОҲИ 5
### Камол

***Банди 1.( Муҳайяр)***
***Сархат***
Эй дил, ин бечорагиву мустамандӣ то ба кай?
Чун надорӣ рӯйи дармон, дардмандӣ то ба кай?

***Миёнхат***
Бар дили пурхуни ман бигрист имшаб чашми ҷом,
Шамъи маҷлисро бигӯ, к-ин хирахандӣ то ба кай?

***Дунасра***
Пеши қадди ёр, эй сарви сиҳӣ, шарме бидор,
Дар чаман бо пойи чӯбин сарбаландӣ то ба кай?

*Банди 2.*
***Муҳайяр***
Бо ту худро кард монанде гул аз боди ҳаво,
Гуфт дарвеши сабо, к-ин худписандӣ то ба кай?

***Авҷи Муҳайяр***
Ғамзаи ҷодуят аз мо чанд пӯшонад назар?
Оламе кардӣ мусаххар, чашмбандӣ то ба кай?

*Банди 3.*
***Авҷи Муҳайяр***
Гӯиям ҳар дам, ки берун шав зи шаҳри мо, Камол,
***Фуровард***
Ин самарқандигариҳо бо хуҷандӣ то ба кай?

## III. 1. САРАХБОРИ ОРОМИҶОН

### Ҳофиз

*Сархат*

Ман дӯстдори рӯйи хушу мӯйи дилкашам,
Мадҳуши чашми масту майи софи беғашам.

***Миёнхат***

Дар ошиқӣ гузир набошад зи созу сӯз,
Истодаам чу шамъ, матарсон зи оташам.

***Даромади Муҳайяри Чоргоҳ***

Ман одами биҳиштиям, аммо дар ин сафар
Ҳолӣ асири ишқи ҷавонони маҳвашам.

***Муҳайяри Чоргоҳ***

Шероз маъдани лаби лаъл асту кони ҳусн,
Ман ҷавҳариву муфлис, аз он рӯ мушаввашам.

***Нағмаи Муҳайяри Чоргоҳ***

Ҳофиз, арӯси табъи маро ҷилва орзуст,

***Фуровард***

Ҳофиз, арӯси табъи маро ҷилва орзуст,
Ойинае надорам, аз он оҳ мекашам.

## 2. ОРОМИҶОН

### Аз мушоираи шаш нафар шоири Фарғона

***Даромади Оромиҷон***

***Карашмаи Оромиҷон***

*Ороми ҷони ман шумоед,*
*Сарви равони ман шумоед.*
*Рақсида хуш меоед,*
*Эй нозанини ман шумоед,*
*Ширинзабони ман шумоед.*

***Сархат*** ***Фазлӣ:***

Чу насими зулфи муанбарат ба димоғи боди сабо равад,
Ба хаёли нофаи Чин фитад, гираҳе хурад, ба хато равад.

***Миёнхат*** ***Адо:***
Ба хаёли васли ту, симбар, чу расид ошиқи бехабар,
Чу ба рӯйи ӯ накунӣ назар, ба кӣ рӯ кунад, ба куҷо равад?

***Дунасра*** ***Нола:***
Ту чӣ мутрибӣ, ки агар равад зи ту дур ошиқи бенаво,
Ҳама тан зи миҷмари базми ту чу сипанд нағмасаро равад.

***Карашмаи Оромиҷон***

*Ороми ҷони ман шумоед,*
*Сарви равони ман шумоед.*
*Рақсида хуш меоед,*
*Эй нозанини ман шумоед,*
*Ширинзабони ман шумоед.*

***Даромади Муҳайяри Чоргоҳ*** ***Хиҷлат:***
Манамой хотири софро зи ғубори арзи ҳунар сиях,
Ки ба қадри ҷавҳар аз ойина нами обрӯ ба сафо равад.

***Муҳайяри Чоргоҳ*** ***Ҳотиф:***
Дил агар зи ҳарду ҷаҳон туро бигузид, ҷойи тараҳҳуме!
Ту агар нахоҳияш аз карам, ба кӣ рӯ кунад, ба куҷо равад?

***Нагмаи Муҳайяри Чоргоҳ*** ***Ҳозиқ:***
Зи кафи ту ёфта ин шараф, ки гирифта дастайи гул ба каф,

***Фуровард***
Зи кафи ту ёфта ин шараф, ки гирифта дастайи гул ба каф,
Надамад в-агарна гуле дигар, чу тарӣ зи барги ҳино равад.

***Карашмаи Оромиҷон***

*Ороми ҷони ман шумоед,*
*Сарви равони ман шумоед.*
*Рақсида хуш меоед,*
*Эй нозанини ман шумоед,*
*Ширинзабони ман шумоед.*

## 3. УФАРИ ОРОМИҶОН

**Хусрав**

***Сархат***

Эй, чеҳрайи зебойи ту рашки бутони озарӣ,
Ҳарчанд васфат мекунам, лекин аз он болотарӣ.

***Миёнхат***

Ту аз парӣ чобуктарӣ, аз барги гул нозуктарӣ
В-аз ҳар чӣ гӯям, беҳтарӣ, ҳаққо, аҷойиб дилбарӣ.

***Дунасра***

Ту ман шудӣ, ман ту шудам, ман тан шудам, ту ҷон шудӣ,
То кас нагӯяд баъд аз ин ман дигарам, ту дигарӣ.

***Даромади Муҳайяри Чоргоҳ***

Офоқро гардидаам, меҳри бутон варзидаам,
Бисёр хубон дидаам, аммо ту чизи дигарӣ.

***Муҳайяри Чоргоҳ***

Ҳаргиз наёмад дар назар накше зи рӯят хубтар,
Шамсӣ, надонам, ё Қамар, ҳурӣ, надонам, ё парӣ.

***Нағмаи Муҳайяри Чоргоҳ***

Хусрав ғариб асту гадо, афтода дар шаҳри шумо,

***Фуровард***

Хусрав ғариб асту гадо, афтода дар шаҳри шумо,
Шояд ки аз баҳри Худо сӯйи ғарибон бингарӣ.

*Ороми ҷони ман шумо!*

## IV. 1. МУНОҶОТ
### Нақибхон Туғрал

*Сархат (1)*
Эй фалак, дод аз ҷафоят, дар чӣ ҳолам кардаӣ?!
Рост будам чун алиф, монанди долам кардаӣ!

*Сархат (2)*
Оқибат кори ту гар ин буд, эй гардуни дун,
Аз чӣ дар рӯзи азал қисматкамолам кардаӣ?!

*Миёнхат*
Охир, эй гардун, задӣ санги маломат бар сарам,
Зери пойи бешуъурон поймолам кардаӣ!

*Авҷи Муноҷот*
Эй сипеҳри бемурувват, ин кадомин шева аст?
Нола месозам зи дастат, то чу нолам кардаӣ!

*Фуровард*
Дар ҳавойи мӯшикофӣ Туғралам пар мезанад,
То ту, эй гардун, маро дур аз висолам кардаӣ!

## 2. САВТИ МУНОҶОТ
### Ҳофиз

*Сархат (1), Сархат (2)*
Гул бе рухи ёр хуш набошад,
Бе бода баҳор хуш набошад.

*Миёнхат*
Тарфи чаману тавофи бустон
Бе лолаъузор хуш набошад.

*Дунасра*
Рақсидани сарву ҳолати гул
Бе савти ҳазор хуш набошад.

*Авҷ*
Бо ёри шакарлаби хушандом
Бе бӯсу канор хуш набошад.

*Фуровард*
Ҷон нақди муҳаққар аст, Ҳофиз,
Аз баҳри нисор хуш набошад.

## 3. УФАРИ МУНОҶОТ
### Саййидо

***Сархат***

Чеҳра афрӯхта аз бодайи ноб омадайӣ,
Баҳри пурсидани дилҳойи кабоб омадайӣ.
Дар дил, эй тавбашикан, қасди ҳалокам дорӣ,
Бар камар теғ, ба каф ҷоми шароб омадайӣ.

***Дунасра***

Дӯш дар кулбаам оташ зада рафтӣ чун барқ,
Боз аз баҳри чӣ, эй хонахароб, омадайӣ?

***Авҷ***

Мерасӣ аз сафару хатти муборак дорӣ,
Ҷон фидоят, ки расуле бакитоб омадайӣ.

***Фуровард***

Меравад ҳар тараф аз шавқ чу мавҷ оғӯшам,
То ту, эй сарви равон, аз лаби об омадайӣ.
Саййидо тозадимоғ аст зи истиқболат,
Баски чун шиша лаболаб зи гулоб омадайӣ.

## II. ОСОРИ ҶУДОГОНАИ МАҚОМӢ

### 1. ҚАЛАНДАРИ ДУГОҲ

**Ато**

***Сархат***

Ба дил ин меҳр аз чашми кӣ партавафкан аст имшаб?
Ки шамъ аз равғани бодому наргис равшан аст имшаб.

***Миёнхат***

Ба ангуштам гиреҳ аз ҳалқайи зулфи кӣ шуд, эй дил?
Ки аз Чину Хутан то Шом тасхири ман аст имшаб.

***Дунасра***

Нигоҳи чашми бадмасти кӣ май дар соғарам дорад?
Ки дил то субҳдам бар дӯши аз худ рафтан аст имшаб.

*Асират ман, асират ман,*
*Асири чашми мастат ман.*
*Харобат ман, харобат ман,*
*Хароби чашми ҷодуят.*

***Даромади Авҷи Дугоҳ***

Ба ёди он мижа месӯзам, аз роҳат чӣ мепурсӣ?
Маро чун шамъ чандин хор дар пероҳан аст имшаб.

***Авҷ и Дугоҳ***

Назарбозӣ ба чашми муддаъӣ дорӣ ба чашми ман,
Дигар дасти умедам дар шикасти доман аст имшаб.

***Фуровард***

Парирӯе ба рақс омад, ту ҳам, эй соқийи гулрух,
Биё, тарфи кулаҳ бишкан, ки бишкан-бишкан аст имшаб.

*Асират ман, асират ман,*
*Асири чашми мастат ман.*
*Харобат ман, харобат ман,*
*Хароби чашми ҷодуят.*

## 2. ФУРӮҒИ ДУГОҲ
### Ҳозиқ

*Сархат*
Шарм бар рӯйи ту мепӯшад ниқоб аз чашми ман,
Ҷилвайи ҳусни ту мегирад ҳиҷоб аз чашми ман.

*Дунасра*
Май чу дар мино намонад, дурд меояд бурун,
Дил бурун меояд акнун ҷойи об аз чашми ман.

*Авҷ*
Гар ба ин шӯр аст тӯфони сиришкам бе рухат,
Хонайи мардум шавад охир хароб аз чашми ман.

*Нағмаи Авҷ*
Шабнами наззораам то маҳви он рухсор гашт,
Ашк меҷӯшад ба ранги офтоб аз чашми ман.

*Фуровард*
Дод халқеро ба тӯфони мусибат гирямам,
То ба кай бошанд мардум дар азоб аз чашми ман?

# ҶАДВАЛҲОИ СОХТОРИ МУСИҚИИ

# МАҚОМИ ДУГОҲ

## (КОМПОЗИТСИЯ)

# ҚИСМИ I. СИЛСИЛАИ БАХШИ СОЗ

## МУШКИЛОТ

### 1. ТАСНИФИ ДУГОҲ

| Бандҳои мусиқӣ | Хатҳои мусиқӣ (Адвор) | Сохтори хатҳо | |
|---|---|---|---|
| Банди аввал (i) | Хонаи 1 | Нимхона | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Хонаи 2 | Нимхона | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Хонаи 3 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| Банди миёна (m) | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Хонаи 4 | Нимхонаи 1 | Фурӯ |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Хонаи 5 | Нимхонаи 1 | Фурӯи 1 |
| | | | Фурӯи 2 |
| | | | Фурӯи 3 |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Хонаи 6 | Нимхонаи 1 | Фурӯи 1 |
| | | | Фурӯи 2 |
| | | | Фурӯи 3 |
| | | | Фурӯи 4 |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Хонаи 7 (Авҷи 1) | Нимхона | |
| | Хонаи 8 (Авҷи 2) | Нимхона | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Хонаи 9 (Авҷи 3) | Нимхона | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **Хонаи 10 (Авҷи 4)** | Нимхонаи 1 | Фурӯ |
| | | Нимхонаи 2 | |
| **Банди охир (t)** | **Бозгӯй** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | **Хонаи 11 (Фуровард)** | Нимхонаи 1 | Фурӯи 1 |
| | | | Фурӯи 2 |
| | | | Фурӯи 3 |
| | | | Фурӯи 4 |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | **Бозгӯй** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |

## 2. ТАРҶЕИ ДУГОҲ

| **Бандҳои мусиқӣ** | **Хатҳои мусиқӣ (Адвор)** | **Сохтори хатҳо** | |
|---|---|---|---|
| **Банди аввал (i)** | **Хонаи 1** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | **Бозгӯй** | Нимхонаи 1 (а) | |
| | | Нимхонаи 1 (б) | |
| | | Нимхонаи 2 (а) | |
| | | Нимхонаи 2 (б) | (Фурӯ) |
| | **Хонаи 2** | Нимхонаи 1 (а) | |
| | | Нимхонаи 1 (б) | |
| | | Нимхонаи 2 (а) | |
| | | Нимхонаи 2 (б) | (Фурӯ) |
| | **Бозгӯй** | Нимхонаи 1 (а) | |
| | | Нимхонаи 1 (б) | |
| | | Нимхонаи 2 (а) | |
| | | Нимхонаи 2 (б) (Фурӯ) | |
| **Банди миёна (m)** | **Хонаи 3** | Нимхонаи 1 (а) | |
| | | Нимхонаи 1 (б) | (Фурӯ) |
| | | Нимхонаи 2 (а) | |
| | | Нимхонаи 2 (б) | (Фурӯ) |
| | **Бозгӯй** | Нимхонаи 1 (а) | |
| | | Нимхонаи 1 (б) | |
| | | Нимхонаи 2 (а) | |
| | | Нимхонаи 2 (б) (Фурӯ) | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Хонаи 4 | Нимхонаи 1 (а) | |
| | | Нимхонаи 1 (б) | |
| | | Нимхонаи 2 (а) | |
| | | Нимхонаи 2 (б) | Фурӯ |
| Банди охир (t) | Хонаи 5 | Нимхонаи 1 (а) | |
| | | Нимхонаи 1 (б) | |
| | | Нимхонаи 2 (а) | |
| | | Нимхонаи 2 (б) | Фурӯ |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 (а) | |
| | | Нимхонаи 1 (б) | |
| | | Нимхонаи 2 (а) | |
| | | Нимхонаи 2 (б) (Фурӯ) | |

### 3. ГАРДУНИ ДУГОҲ

| Бандҳои мусиқӣ | Хатҳои мусиқӣ (Адвор) | Сохтори хатҳо | |
|---|---|---|---|
| Банди аввал (i) | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Фурӯ | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Хонаи 1 (Дунасра) | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| Банди миёна (m) | Фурӯ | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Бозгӯй (Авчи 1) | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Фурӯ ( Авчи 2) | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Хонаи 2 (Фуровард) | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| Банди охир (t) | Фурӯ | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |

## 4. ПЕШРАВИ ДУГОҲ

| | Хатҳои мусиқӣ (Адвор) | Сохтори хатҳо | |
|---|---|---|---|
| Банди аввал (i) | Хонаи 1 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 (Фурӯ) | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 (Фурӯ) | |
| | Хонаи 2 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 (Фурӯ) | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 (Фурӯ) | |
| | Хонаи 3 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 (Фурӯ) | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 (Фурӯ) | |
| Банди миёна (m) | Хонаи 4 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 (Фурӯ) | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 (Фурӯ) | |
| | Хонаи 5 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 (Фурӯ) | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 (Фурӯ) | |
| | Хонаи 6 (Авчи 1) | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 (Фурӯ) | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 (Фурӯ) | |
| | Хонаи 7 (Авчи 2) | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 (Фурӯ) | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 (Фурӯ) | |
| | Хонаи 8 (Авчи 3) | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 (Фурӯ) | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 (Фурӯ) | |
| | Хонаи 9 (Авчи 4) | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 (Фурӯ) | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 (Фурӯ) | |
| | Хонаи 9 (Авчи 4) | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 (Фурӯ) | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 (Фурӯ) | |
| Банди охир (t) | Хонаи 10 (Фуровард) | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 (Фурӯ) | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 (Фурӯ) | |

## 5. САМОИ ДУГОҲ

| Бандҳои мусиқӣ | Хатҳои мусиқӣ (Адвор) | Сохтори хатҳо | |
|---|---|---|---|
| Банди аввал (i) | Хонаи 1 (Поя) | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Бозгӯӣ | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Поя | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| Банди миёна (m) | Хонаи 2 (Миёнхат) | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Бозгӯӣ | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Поя | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Хонаи 3 (Дунасра) | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Фурӯ | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Бозгӯӣ | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Поя | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Хонаи 4 (Авҷи 1) | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Бозгӯӣ | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Хонаи 5 (Авҷи 2) | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Бозгӯӣ | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Поя | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| Банди охир (t) | Хонаи 6 (Фуровард) | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Фурӯ | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Бозгӯӣ | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |

## 6. МУХАММАСИ ДУГОҲ

| Бандҳои мусиқӣ | Хатҳои мусиқӣ (Адвор) | Сохтори хатҳо | |
|---|---|---|---|
| Банди аввал (i) | Хонаи 1 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| Банди миёна (m) | Хонаи 2 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Хонаи 3 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| Банди охир (t) | Хонаи 4 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |

## 7. МУХАММАСИ ЧОРГОҲ

| Бандҳои мусиқӣ | Хатҳои мусиқӣ (Адвор) | Сохтори хатҳо | |
|---|---|---|---|
| Банди аввал (i) | Хонаи 1 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| Банди миёна (m) | Хонаи 2 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Хонаи 3 (Ранги Тарҷеъ) | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| Банди охир (t) | Хонаи 4 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |

## 8. МУХАММАСИ ҲОҶИХӮҶА

| Бандҳои мусиқӣ | Хатҳои мусиқӣ (Адвор) | Сохтори хатҳо | |
|---|---|---|---|
| **Банди аввал (i)** | **Хонаи 1** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | **Бозгӯй** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| **Банди миёна (m)** | **Хонаи 2** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | **Бозгӯй** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | **Хонаи 3** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | **Бозгӯй** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| **Банди охир (t)** | **Хонаи 4** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | **Бозгӯй** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |

## 9. МУХАММАСИ ЧОРСАРХОНА

| Бандҳои мусиқӣ | Хатҳои мусиқӣ (Адвор) | Сохтори хатҳо | |
|---|---|---|---|
| **Банди аввал (i)** | **Хонаи 1** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | **Бозгӯй** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| **Банди миёна (m)** | **Хонаи 2** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | **Бозгӯй** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | **Хонаи 3** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | **Бозгӯй** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| **Банди охир (t)** | **Хонаи 4** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | **Бозгӯй** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |

## 10. САҚИЛИ ОШИҚУЛЛО

| **Бандҳои мусиқӣ** | **Хатҳои мусиқӣ (Адвор)** | **Сохтори хатҳо** | |
|---|---|---|---|
| **Банди аввал (i)** | **Хонаи 1** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | **Хонаи 2** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | **Хонаи 3** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| **Банди миёна (m)** | **Хонаи 4** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | **Хонаи 5** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | **Хонаи 6** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | **Бозгӯй** | Нимхонаи | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | **Хонаи 7 (Ранги Таснифи Бузург)** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| **Банди охир (t)** | **Хонаи 8** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | **Бозгӯй** | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |

# ҚИСМИ II. СИЛСИЛАҲОИ БАХШИ ОВОЗ

## I. НАСР (Силсилаи аслӣ)

### 1. САРАХБОРИ ДУГОҲ (Ироқӣ)

| Бандҳои мусиқӣ | Хатҳои мусиқӣ (Адвор) | Унвони хатҳо | Сохтори хатҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Навозиш | Суруд | | | | Навозиш |
| | | | | Мусиқӣ | Шеър | Овои мусиқӣ | | |
| Банди аввал (i) | Хати 1 | **САРХАТ** | Сароҳанг | Нимхати 1 | Мисраъи 1 | - | - | - |
| | | | - | Нимхати 2 | Мисраъи 2 | Ово | - | - |
| | | | | | | Замзамаи Дугоҳ | Ово, Фурӯ, Нолаи парда | - |
| | Хати 2 | **МИЁНХАТ** | - | Нимхати 1 | Мисраъи 1 | - | - | - |
| | Хати 3 | **ДУНАСРА** | - | Нимхати 1 | Мисраъи 1 | - | - | - |
| | | | - | Нимхати 2 | Мисраъи 2 | Карашмаи Дугоҳ | Сарово, Ово, Фурӯ | - |
| | | | | | | Замзамаи Дугоҳ | Ово, Фурӯ, Нолаи парда | - |
| Банди миёна (m) | Хати 4 | **АВҶИ ЗЕБОПАРӢ** | Сароҳанг | Нимхати 1 | Мисраъи 3 | Замзамаи Авҷи Зебопарӣ | Ово, Нолаи парда | Нағмаи парда |
| | | | - | Нимхати 2 | Мисраъи 4 | - | Фурӯ | Нағмаи парда |
| | Хати 5 | **АВҶИ ДУГОҲ** | - | Нимхати 1 | Мисраъи 5 | - | Фурӯ | Нағмаи парда |
| | | | - | Нимхати 2 | Мисраъи 6 | - | Фурӯ | - |
| | | | | | | Замзамаи Авҷи Дугоҳ | Ово, Фурӯ, Нолаи парда | - |
| | Хати 6 | **МУҲАЙЯРИ ЧОРГОҲ** | Сароҳанг | Нимхати 1 | Мисраъи 7 | - | - | Нағмаи парда |
| | | | - | Нимхати 2 | Мисраъи 8 | - | Фурӯ | - |
| | Хати 7 | **НАҒМАИ МУҲАЙЯРИ ЧОРГОҲ** | Рехтаи Муҳайяри Чоргоҳ | Нимхати 1 | Мисраъи 9 | Замзамаи Нағмаи Муҳайяри Чоргоҳ | Овои 1, Овои 2, Фурӯ | - |
| | | | - | Нимхати 2 (Пояи Муҳайяри Чоргоҳ) | Мисраъи 10 | Замзамаи Поя | Ово, Фурӯ, Нолаи парда | - |
| Банди охир (t) | Хати 8 | **ФУРОВАРД** | - | Нимхати 1 | Мисраъи 11 | Карашмаи Дугоҳ | Сарово, Ово, Фурӯ | - |
| | | | - | Нимхати 2 | Мисраъи 12 | Замзамаи Дугоҳ | Ово, Фурӯ, Нолаи парда | - |

**ТАРОНАИ 1 – Сувора (Шохин)**

| Бандҳои мусиқӣ | Хатҳои мусиқӣ (Адвор) | Унвони хатҳо | Сохтори хатҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Навозиш | Суруд | | | | Навозиш |
| | | | | Мусиқӣ | Шеър | Овои мусиқӣ | | |
| Банди аввал (i) | Хати 1 | **САРХАТ** | - | Нимхати 1 (а) | Мисраъи 1 (Ниммисраъ) | - | Фурӯ | - |
| | | | - | Нимхати 1 (б) | Мисраъи 1 (Ниммисраъ) | - | Фурӯ | - |
| | | | - | Нимхати 2 (а) | Мисраъи 2 (Ниммисраъ) | - | Фурӯ | - |
| | | | - | Нимхати 2 (б) | Мисраъи 2 (Ниммисраъ) | - | Фурӯ | - |
| | Хати 2 | **АВҶИ 1** | - | Нимхати 1 (а) | Мисраъи 3 (Ниммисраъ) | - | Фурӯ | - |
| | | | - | Нимхати 1 (б) | Мисраъи 3 (Ниммисраъ) | - | Фурӯ | - |
| | | | - | Нимхати 2 (а) | Мисраъи 4 (Ниммисраъ) | - | Фурӯ | - |
| | | | - | Нимхати 2 (б) | Мисраъи 4 (Ниммисраъ) | - | Фурӯ | - |
| | | | - | Бозгӯй (а) | Мисраъи 4 (Ниммисраъ) | - | Фурӯ | - |
| | | | - | Бозгӯй (б) | Мисраъи 4 (Ниммисраъ) | - | Фурӯ | - |
| Банди миёна (m) | Хати 3 | **АВҶИ 2** | - | Нимхати 1 (а) | Мисраъи 5 (Ниммисраъ) | - | Фурӯ | - |
| | | | - | Нимхати 1 (б) | Мисраъи 5 (Ниммисраъ) | - | Фурӯ | - |
| | | | - | Нимхати 2 (а) | Мисраъи 6 (Ниммисраъ) | - | Фурӯ | - |
| | | | - | Нимхати 2 (б) | Мисраъи 6 (Ниммисраъ) | - | Фурӯ | - |
| Банди охир (t) | Хати 4 | **ФУРОВАРД** | - | Нимхати 1 (а) | Мисраъи 7 (Ниммисраъ) | - | Фурӯ | - |
| | | | - | Нимхати 1 (б) | Мисраъи 7 (Ниммисраъ) | - | Фурӯ | - |
| | | | - | Нимхати 2 (а) | Мисраъи 8 (Ниммисраъ) | - | Фурӯ | - |
| | | | - | Нимхати 2 (б) | Мисраъи 8 (Ниммисраъ) | - | Фурӯ | - |

### ТАРОНАИ 2 – Нақш (Халқӣ)

| Бандҳои мусиқӣ | Хатҳои мусиқӣ (Адвор) | Унвони хатҳо | Сохтори хатҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Суруд | | | | |
| | | | Навозиш | Мусиқӣ | Шеър | Овои мусиқӣ | | Навозиш |
| Банди аввал (i) | Хати 1 | САРХАТ | - | Нимхати 1 (а) | Мисраъи 1 | - | - | - |
| | | | - | Нимхати 1 (б) | Мисраъи 2 | - | - | - |
| | | | - | Нимхати 2 (а) | Мисраъи 3 | - | - | - |
| | | | - | Нимхати 2 (б) | Мисраъи 4 | - | - | - |
| | | | - | Бозгӯй | Мисраъи 4 | - | - | - |

### ТАРОНАИ 3 – Шашзарб (Халқӣ)

| Бандҳои мусиқӣ | Хатҳои мусиқӣ (Адвор) | Унвони хатҳо | Сохтори хатҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Суруд | | | | |
| | | | Навозиш | Мусиқӣ | Шеър | Овои мусиқӣ | | Навозиш |
| Банди аввал (i) | Хати 1 | САРХАТ | - | Нимхати 1 (а) | Мисраъи 1 | - | - | - |
| | | | - | Нимхати 1 (б) | Мисраъи 2 | - | - | - |
| | | | - | Нимхати 2 (а) | Мисраъи 3 | - | - | - |
| | | | - | Нимхати 2 (б) | Мисраъи 4 | - | - | - |
| | | | - | Бозгӯй | Мисраъи 4 | - | (Даромади Нақш) | - |

### ТАРОНАИ 4 – Нақш (Мавлавӣ)

| Бандҳои мусиқӣ | Хатҳои мусиқӣ (Адвор) | Унвони хатҳо | Сохтори хатҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Навозиш | Суруд | | | | Навозиш |
| | | | | Мусиқӣ | Шеър | Овои мусиқӣ | | |
| Банди аввал (i) | | | - | Нимхати 1 (а) | Мисраъи 1 (Ниммисраъ) | - | - | - |
